Инициатива «Луч света» Покончить с насилием в отношении женщин и девочек

5 ГЕНДЕРНОЕ РАВЕНСТВО

# Тренинг
# «Таҳкими ҳамкории байниидоравии субъектҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар маҳалҳо барои васеъ намудани дастрасии шахсони аз зӯроварӣ ҷабрдида ба хизматрасониҳо»

# МОДУЛ

**Ташаббуси «Нури рӯшноӣ» дар Тоҷикистон**

**ДУШАНБЕ**
**2022**

Модули мазкур дар доираи лоиҳаи «Мусоидат ба решакан намудани зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ нисбати занону духтарон бо роҳи вокуниш нишон додан ба талаботи гурӯҳҳои зерҳадаф, сафарбар кардани ҷомеаи маҳаллии шаш ноҳияи зерҳадаф ва ҷоннок намудани фаъолияти сохторҳои давлатии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки онро ташкилоти ҷамъиятии «Ҷаҳон» бо дастгирии Барномаи рушди СММ дар чаҳорчӯбаи иҷрои Ташаббуси «Нури рӯшноӣ дар Тоҷикистон» амалӣ менамояд, таҳия карда шудааст.

# Мундарича

**МАҚСАДУ ВАЗИФАҲОИ ТРЕНИНГ** ......3

**БАРНОМА** ......5

**МУҚАДДИМАИ ТРЕНИНГ** ......7

**МОДУЛИ 1. Самтҳои афзалиятнок ва тадбирҳои сиёсати давлатӣ оид ба решакан намудани зӯроварии гендерӣ** ......8

**МОДУЛИ 2. Самтҳои фаъолияти субъектҳои ҚҚонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ҷиҳати расондани хизматҳои асосӣ дар соҳаи зӯроварии гендерӣ дар оила** ......18

**МОДУЛИ 3. Ҳамкории байниидоравӣ барои таъмин намудани хизматрасониҳои босифат ба ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ: усулҳо ва проблемаҳо** ......26

**Замимаҳо** ......36

**Адабиёти тавсияшаванда** ......38

## Рӯйихати ихтисораҳо

| | |
|---|---|
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ҚҶТ** | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ВКД ҶТ** | Вазорати корҳои дохилии ҶТ |
| **ВА ҶТ** | Вазорати адлияи ҶТ |
| **ВМИ ҶТ** | Вазорати маориф ва илми ҶТ |
| **ВТҲИА ҶТ** | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷимоии аҳолии ҶТ |
| **ККЗО** | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ |
| **МД МЁҲ** | Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и назди ВА ҶТ |
| **СММ** | Созмони Милали Муттаҳид |
| **САҲА** | Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо |
| **КБҲЗ** | Конвенсияи барҳам додани ҳамаи шаклҳои ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон |
| **СМР-2030** | Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 |
| **БМР 2016-2020** | Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2016-2020 |
| **БМР 2021-2025** | Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2021-2025 |
| **ЗНЗД** | Зӯроварӣ нисбати занону духтарон |
| **ЗГШ** | Зӯроварии гендерӣ ва шаҳвонӣ |
| **ГКБ** | Гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила |
| **ТТД-2017** | Тадқиқоти тиббию демографӣ - 2017 |

# МАҚСАДУ ВАЗИФАҲОИ ТРЕНИНГ

«Таҳкими ҳамкории байниидоравии субъектҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар маҳалҳо барои васеъ намудани дастрасии шахсони аз зӯроварии гендерӣ ҷабрдида ба хизматрасониҳо»

| | |
|---|---|
| ***Мақсад*** | Мусоидат ба таҳкими нерӯи сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ – субъектҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар таҳкими ҳамкориҳои байниидоравӣ барои васеъ намудани дастрасии ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ ба хизматрасониҳои босифат |
| ***Вазифаҳо*** | 1. Мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи дониш ва огоҳии иштирокчиён оид ба усулу принсипҳои асосии таҳкими ҳамкории байниидоравӣ барои вокуниши муассир ба зӯроварии гендерӣ.<br>2. Мусоидат ба баланд бардоштани ҳавасмандӣ барои ташаббусҳои нав дар соҳаи пешгирии зӯроварии гендерӣ ва рушди ҳамкории байнисоҳавӣ.<br>3. Мусоидат ба ташаккул додани малакаҳои кор ва маҳорати ба нақша гирифтан ва гузарондани чорабиниҳои иттилоотӣ дар бораи тоқатнопазирӣ нисбати зӯроварӣ ва аҳамияти иҷтимоии барҳам додани зӯроварӣ нисбати занону духтарон дар маҳалҳо барои рушди тамоми ҷомеа. |
| ***Иштирокчиёни тренинг*** | Кормандони сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ – субъектҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», аъзоёни Гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба пешгирии ЗО, аъзоёни Шӯроҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмини ҳифзи тартиботи ҷамъиятии назди ШВКД ноҳияҳо/шаҳрҳои зерҳадаф. |

**Тренинги «Таҳкими ҳамкории байниидоравии субъектҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар маҳалҳо барои васеъ намудани дастрасии ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ ба хизматрасониҳо»**

# Б А Р Н О М А

## РӮЗИ ЯКУМ

| № | Номи модул/мавзуъ | Шакл | Вақт |
|---|---|---|---|
| | МУҚАДДИМАИ ТРЕНИНГ | | **09.00-10.30** |
| 1. | Кушодашавӣ. Сухани муқаддимавӣ | | 10 дақиқа |
| 2 | Мақсаду вазифаҳои тренинг | Муаррифӣ | 10 дақиқа |
| 3 | Шиносшавии иштирокчиёни тренинг<br>Умедҳои иштирокчиён аз тренинг | | 40 дақиқа |
| 4 | Таҳияи қоидаҳои тренинг | Ҳамлаи зеҳнӣ | 10 дақиқа |
| 5 | Гузарондани тести пешазтренингӣ | Кори инфиродӣ | 20 дақиқа |
| | *кофе-брейк* | | ***10.30-11.00*** |
| | **МОДУЛИ 1. Самтҳои афзалиятнок ва тадбирҳои сиёсати давлатӣ оид ба решакан намудани зӯроварии гендерӣ** | | |
| 6 | Зӯроварӣ нисбати занону духтарон: дар шаҳр/ноҳияи Шумо ва дар ҷамъиятҳо то кадом андоза васеъ паҳн шудааст? | Мубоҳиса | 11.00-11.40 |
| 7. | Сиёсат оид ба решакан намудани зӯроварии гендерӣ: нақшаҳо ва вазъи воқеӣ | Муаррифии №1 | 11.40-12.10 |
| 8 | Саргузашти Зебо: Шумо ба ӯ чӣ маслиҳат медиҳед? | Машғулияти амалии №1. Кор дар гурӯҳҳои хурд | 12.10-13.00 |
| | *хӯроки нисфирӯзӣ* | *1 соат* | ***13.00-14.00*** |
| 9 | Муҳокимаи натиҷаҳои кор дар гурӯҳҳои хурд | Муаррифии корҳои иҷрошуда | 14.00-15.00 |
| 10 | Омилҳое, ки ба зӯроварии гендерӣ ва оқибатҳои он мусоидат мекунанд. | Муаррифии №2 | 15.00-15.30 |
| | *кофе-брейк* | | ***15.30-16.00*** |
| | **МОДУЛИ 2. Самтҳои фаъолияти субъектҳои Қонуни ҶТ ҷиҳати расондани хизматҳои асосӣ дар соҳаи зӯроварии гендерӣ дар оила** | | |
| 11 | Муайян кардани рӯйихати хизматрасониҳо дар соҳаи зӯроварии гендерӣ мувофиқи идораҳо (дар асоси санадҳои қонунгузорӣ ва дастурамалҳои идоравӣ). | Машғулияти амалии №2. Кор дар гурӯҳҳои хурд мувофиқи идораҳо. | 16.00-16.50 |
| 12 | Ҷамъбасти натиҷаҳои рӯзи якуми тренинг | | 16.50-17.00 |

## РӮЗИ ДУЮМ

| № | Номи модул/мавзуъ | Шакл | Вақт |
|---|---|---|---|
| 1. | Ёдрас намудани натиҷаҳои рӯзи якуми тренинг | | 09.00-09.10 |
| 2 | **МОДУЛИ 2. Самтҳои фаъолияти субъектҳои Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" ҷиҳати расондани хизматҳои асосӣ дар соҳаи зӯроварии гендерӣ дар оила.** *Давомаш* | | |
| 3 | Принсипҳои асосӣ ва рӯйихати хизматрасониҳои асосӣ мувофиқи бахшҳо дар соҳаи ҳифзи ҳам занон ва ҳам духтарони аз зӯроварӣ ҷабрдида тибқи стандартҳои байналмилалии талабот | Муаррифии №3 бо истифодаи мубоҳиса | 09.10-09.40 |
| 4 | **МОДУЛИ 3. Ҳамкории байниидоравӣ барои таъмин намудани хизматрасониҳои босифат ба ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ: механизмҳо ва проблемаҳо** | | |
| 5 | Нақши ҳамкории байниидоравӣ ва фаъолияти Гурӯҳҳои кории байниидоравӣ (ГКБ) дар пешгирии зӯроварии гендерӣ ва шаҳвонӣ (ЗГШ) ва расондани хизматҳо ба ҷабрдидангон. | Муаррифии №4 бо истифодаи мубоҳиса | 09.40-10.30 |
| | *кофе-брейк* | | ***10.30-11.00*** |
| 6 | Нақшаи инфиродӣ ва бозфиристӣ – василаҳои муҳими таъмини талаботи ҷабрдидагони ЗГШ | Муаррифии №5 | 11.00-11.30 |
| 7**.** | Саида ба чӣ гуна дастгирӣ эхтиёҷ дорад ва кӣ ба ӯ ёрӣ мерасонад? Таҳияи нақшаи инфиродӣ. | Машғулияти амалии №3. Гурӯҳҳои хурд | 11.30-12.30 |
| | Муҳокимаи нақшаи инфиродии дастгирии Саида | Муаррифии корҳои иҷрошуда | 12.30-13.00 |
| | *хӯроки нисфирӯзӣ* | | ***13.00-14.00*** |
| 8 | Идомаи муҳокима.<br>Нақшаи инфиродии дастгирии Саида | Муаррифии корҳои иҷрошуда | 14.00-14.30 |
| 9 | Ҳисобот дар бораи фаъолияти гурӯҳҳои кории байниидоравии ноҳиявӣ/шаҳрӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ҷиҳати васеъ намудани дастрасии хизматрасониҳои маҷмуӣ дар соҳаи ЗГШ дар соли 2021 ва нақшаҳо барои соли 2022 | Машғулияти амалии №4. Кор дар гурӯҳҳои хурд. Тайёрӣ ба бозии нақшӣ | 14.30-15.30 |
| | *кофе-брейк* | | ***15.30-15.50*** |
| 10 | Гузарондани нишасти матбуотӣ, муҳокимаи натиҷаҳо ва арзёбии фаъолияти ГКБ дар соли 2021 | Нишасти матбуотӣ, 3 гурӯҳ | 15.50-16.35 |
| 11 | Гузарондани тести баъдазтренингӣ ва баҳодиҳӣ ба тренинг | | 16.35-16.50 |
| | Ҷамъбасти натиҷаҳои тренинг | | 16.50-17.00 |

# МУҚАДДИМАИ ТРЕНИНГ

| | |
|---|---|
| **Давомнокии умумӣ** | 90 дақиқа |
| **Таҷҳизоту маводи зарурӣ** | Проектор, ноутбук ва экран, флипчартҳо, фломастерҳо, стикерҳо ва ғ. |

Муҳити мусоиди корие муҳайё кардан лозим аст, ки ба иштироки фаъолона аз худи аввали тренинг мусоидат намуда, иштирокчӣёнро ба дарки мавзуи тренинг ва муайян кардани умедҳояшон аз иштирок дар тренинг ҳавасманд намояд. Бо ин мақсад аз чораҳои зерин зина ба зина истифода бурдан зарур аст:

1. Ҳангоми кушодашавии тренинг тренер худро, инчунин меҳмонони тренингро шинос мекунад. Меҳмонон ҳангоми суханронии шодбошии худ дар бораи самтҳои асосии фаъолияти Барномаи минтақавии «Нури рӯшноӣ», инчунин доир ба натиҷаҳои пешбинишавандаи тренинг иттилоъ медиҳанд.
2. Сипас иштирокчиён аз мақсаду вазифаҳои тренинг огоҳ карда мешаванд.
3. Аз ҳар як иштирокчӣ хоҳиш кардан лозим аст, ки худро шинос намояд ва дар бораи инҳо нақл кунад:

   - ✓ дар куҷо ва дар кадом вазифа кор мекунад?
   - ✓ чанд сол аст, ки бо ҳалли масъалаҳои зӯроварии гендерӣ машғул аст?
   - ✓ оё ба Гурӯҳи кории байниидоравӣ аъзо ҳаст, агар «ҳа», пас чанд вақт боз?
   - ✓ оё дар давоми 12 моҳи охир дар тренингҳои оид ба ЗНЗД иштирок кардааст?
4. Умедҳои иштирокчиёнро аз ин тренинг тавзеҳ диҳед. Умедҳои иштирокчиёнро дар флипчарт нависед ё аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки онҳоро дар стикерҳо навишта, ба ватман часпонанд. Сипас умедҳоро аз назар гузаронда, онҳоро ба ду қисм тақсим кунед: умедҳое, ки дар рафти тренинг қонеъ гардонда мешаванд, ва умедҳое, ки ба мавзуи ин тренинг дахл надоранд.

5. Муқаррар намудани қоидаҳои тренинг.

**Тавсияҳо ба тренерон**: Тренерон ва шахсоне низ, ки барои масъалаҳои ташкилии тренинг масъул мебошанд, бояд дар машқи «шиносоӣ» иштирок кунанд, то нишон диҳанд, ки онҳо низ ҷузъи таркибии гурӯҳ мебошанд ва имконият доранд, ки умедҳои шахсии худро баён намоянд.

Инчунин умедҳои баённамудаи иштирокчиёнро бо мақсаду вазифаҳои тренинг мувофиқ кунондан лозим аст, то ки ба умедҳои бардурӯғ ва ғайривоқеӣ аз барнома роҳ дода нашавад.

## МОДУЛИ 1. Самтҳои афзалиятнок ва тадбирҳои сиёсати давлатӣ оид ба решакан намудани зӯроварии гендерӣ

**ВАЗИФАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Баланд бардоштани сатҳи дониш ва огоҳӣ дар бораи самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумат ва вазоратҳои соҳавӣ оид ба решакан намудани зӯроварӣ нисбати занону духтарон.
2. Баланд бардоштани сатҳи дониш дар бораи омилҳои асосие, ки ба паҳншавии ЗНЗД мусоидат мекунанд, инчунин дар бораи оқибатҳои зӯроварӣ барои занону духтарон, аҳолии маҳаллӣ ва ҷомеа.
3. Мусоидат ба ташаккули тоқатнопазирӣ ба зӯроварӣ нисбати занону духтарон.
4. Мусоидат ба ташаккул ва рушди малакаю маҳорати банақшагирӣ, таҳия ва иҷрои тадбирҳои самарабахш ҷиҳати решакан намудани ЗНЗД.

**Давомнокии умумӣ:** 3 соату 30 дақиқа

**Усулҳо:** лексияи хурд дар шакли муаррифӣ, мубоҳиса, кор дар гурӯҳҳои хурд.

**Таҷҳизот ва маводи зарурӣ:** проектор, ноутбук, экран, муаррифӣ бо слайдҳо, флипчартҳо, маркерҳо, скотч ва ғ.

**Маводи тақсимкардашаванда:** Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2014 – 2023, Дастурамал барои корандони вазорату идораҳо оид ба кор дар соҳаи зӯроварии гендерӣ ва шаҳвонӣ (ЗГШ), *ниг. Рӯйихати адабиёти тавсияшаванда.*

**СОХТОРИ МОДУЛ:**

| | **Муаррифӣ** | **Машғулияти амалӣ** |
|---|---|---|
| 1 | | Зӯроварӣ нисбати занону духтарон: он дар ноҳия/шаҳр ва ҷамъияти Шумо то кадом андоза паҳн шудааст? *40 дақиқа* |
| 2 | Сиёсат оид ба решакан намудани зӯроварии гендерӣ: нақшаҳо ва вазъи воқеӣ. **Муаррифии №1** бо итифода аз ҳамлаи зеҳнӣ, *30 дақиқа* | **Машғулияти амалии №1,** Саргузашти Зебо: ба вай чӣ маслиҳат медиҳед? *Кор дар гурӯҳҳои хурд*<br>*Муҳокимаи натиҷаҳои кор, 1 соату 50 дақиқа* |
| | Омилҳое, ки ба зӯроварии гендерӣ ва оқибатҳои он мусоидат мекунанд. **Муаррифии №2,** *30 дақиқа* | |

**МУҲТАВОИ МОДУЛ**

Баробарии гендерӣ чист? Мафҳумҳои асосӣ: зӯроварии гендерӣ, зӯроварӣ нисбати занону духтарон. Мубрамии проблема. Дараҷаи паҳншавии зӯроварии гендерӣ дар мамлакат. Намудҳо ва шаклҳои зӯроварӣ: ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ иқтисодӣ. Зӯроварӣ дар оила. Зӯроварӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва дар кор. Ақида ва муносибати ҷомеа ва аҳолии маҳаллӣ нисбати зӯроварии гендерӣ.

Санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба решакан намудани зӯроварии гендерӣ, оид ба таъмин намудани хизматрасониҳои дастрас ва босифат ба ҷабрдидагони зӯроварӣ: Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», СМР-2030, БМР барои солҳои 2016-

2020,2021-2025, Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ғ. Дастурамалҳои идоравӣ дар соҳаи зӯроварии гендерӣ, зӯроварӣ дар оила. Омилҳое, ки боиси содиршавии зӯроварӣ нисбати занону духтарон мегарданд: иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, иҷтимоию рӯҳӣ. Оқибатҳои зӯроварии гендерӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ, оила, ҷомеаи маҳаллӣ ва умуман ҷомеа. Оқибатҳо барои саломатии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва репродуктивии ҷабрдида. Таъсири онҳо ба кӯдакон. Стратегияҳои рафтор ва вокуниши занҳое, ки ба зӯроварии гендерӣ дучор шудаанд.

## МАВОДИ ЁРИРАСОН БАРОИ ТРЕНЕР

Таърифи аниқ ва пурраи зӯроварӣ нисбати занон шарти зарурии таҳия ва татбиқи усулҳои самарабахши вокуниш ба шумор меравад. Яке аз монеаҳое, ки мо ҳангоми андешидани тадбирҳои мубориза бар зидди зӯроварӣ нисбати занон бо он дучор мегардем, ин тамоюли ба назар нагирифтани табиати гендерии ин мушкилот ва корбурди истилоҳҳои умумӣ, аз ҷумла «зӯроварӣ дар оила» ё «зӯроварии хонагӣ» мебошад. Барои он ки тадбирҳо дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ самараи хуб диҳанд, сабабҳои зӯроварӣ нисбати занон, инчунин заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии онро ба назар гирифтан зарур аст.

Истилоҳҳои «зӯроварии гендерӣ» (ЗГ) ва «зӯроварӣ нисбати занон» аксари вақтҳо якдигарро иваз карда метавонанд, зеро зӯроварӣ нисбати занон асосан заминаи гендерӣ дошта, дар бисёр мавридҳо аз тарафи мардҳо содир карда мешавад.

**Аз Баённомаи СММ дар бораи решакан намудани зӯроварӣ нисбати занон. Таърифи зӯроварии гендерӣ:**

«Ҳама гуна зӯроварие, ки дар асоси аломати ҷинс содир гардида, ба занҳо зарари ҷисмонӣ, шаҳвонӣ ё рӯҳӣ мерасонад ё расонда метавонад, инчунин таҳдиди содир намудани чунин амалҳо, маҷбурсозӣ ё ихтиёран аз озодӣ маҳрум кардан, хоҳ дар ҳаёти ҷамъиятӣ бошад ва хоҳ дар ҳаёти шахсӣ...»

Дар тавсияи умумии Кумитаи СММ оид ба КБҲЗ № 35 дар бораи зӯроварии гендерӣ нисбати занон гуфта мешавад, ки «зӯроварии гендерӣ нисбати занон» ба сифати истилоҳи нисбатан аниқе истифода бурда мешавад, ки ба сабабу оқибатҳои гендерии чунин зӯроварӣ ишора менамояд. Ин истилоҳ ҳамчунин маънои онро дорад, ки зӯроварӣ мушкилоти ҷамъиятист, на шахсӣ ва ҳалли он андешидани тадбирҳои маҷмуиро талаб мекунад, на тадбирҳоеро, ки бо ҳодисаҳои мушаххас, бо ҳуқуқвайронкунандагону ҷабрдидагони алоҳидаи зӯроварӣ ё шахсони алоҳидае, ки зӯровариро аз сар гузарондаанд, алоқаманданд.

Кумитаи СММ оид ба КБҲЗ чунин мешуморад, ки зӯроварии гендерӣ нисбати занон яке аз воситаҳои асосии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодиест, ки бо ёрии онҳо нақшҳои қолабии занон ва мутеияти онҳо ба мардҳо абадӣ гардонда мешаванд. Чунин зӯроварӣ яке аз монеаҳои асосист дар роҳи ба даст овардани баробарии воқеӣ дар байни занону мардон, инчунин дар роҳи ҳуқуқҳои инсонӣ ва озодиҳои асосии дар КБҲЗ сабтшудаи худро амалӣ намудани занҳо.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии иштирокчиён ва фаъолона ҷалб намудани онҳо ба раванди омӯзиши мавзуи модул машғулиятро аз мубоҳисаи умумии «Зӯроварӣ нисбати занону духтарон? Дар ноҳия/шаҳр ва ҷамъиятҳои Шумо он то кадом андоза васеъ паҳн шудааст?» сар кардан мувофиқи мақсад аст.

**Саволҳо барои мубоҳиса:**

1. Ба фикри Шумо, мушкилоти зӯроварӣ нисбати занону духтарон (ЗНЗД) дар ноҳия/шаҳри Шумо то кадом андоза мубрам аст?

2. ЗНЗД дар ноҳия/шаҳр ва ҷамъияти Шумо то кадом дараҷа васеъ паҳн шудааст?
3. Ба зӯроварӣ бештар кӣ ва дар кадом шакл дучор мешавад?
4. Кӣ бештар зӯроварии гендерӣ содир мекунад?
5. Ҷомеаи маҳаллӣ ба ин ҳодисаҳои зӯроварӣ чӣ гуна вокуниш нишон медиҳад?
6. Зӯроварӣ дар оила кори оилавист ё мушкилоти ҷомеа?

Дар рафти мубоҳиса аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки фикри худро бо маълумоти оморӣ ё бо натиҷаҳои тадқиқот тақвият диҳанд. Агар онҳо чунин маълумот надошта бошанд, худатон маълумоти оморие пешниҳод намоед, ки мубрамии мушкилотро нишон медиҳанд.

**Натиҷаҳои мубоҳисаро ҷамъбаст намоед:**

Маълумоти оморӣ ва амалия нишон медиҳанд, ки ба зӯроварӣ ҳам занҳои маълумотнок ва ҳам бемаълумот, ҳам ҷавону ҳам калонсол, ҳам сарватманду ҳам камбағал, ҳам шаҳрию ҳам деҳотӣ дучор мешаванд. Зӯроварӣ нисбати занону духтарон намудҳои гуногун дорад:

**Зӯроварии ҷисмонӣ.** Қувваи ҷисмоние, ки боиси захмдоршавии бадан, дард ё садама мегардад. Вазнинии садама гуногун буда метавонад – аз андаке осеб ёфтани бофтаҳо, шикастани устухон то ҷароҳатҳои вазнин ва марг.

**Зӯроварии шаҳвонӣ.** Ҳама гуна амали шаҳвонӣ, кӯшиши содир намудани он, суханон ё шилқиниҳои номатлуби шаҳвонӣ ё амалҳои ба харидуфурӯши одамон ё ба таври дигар ба муқобили шаҳвонияти шахс нигаронидашуда, ки аз тарафи ҳама гуна шахс, сарфи назар аз муносибати ӯ бо ҷабрдида, дар ҳама гуна ҷой, аз ҷумла дар хона ва кор, аммо бо инҳо маҳдуд нашуда, содир карда мешавад.

**Зӯроварии рӯҳӣ** (онро зӯроварии ҳиссӣ низ меноманд). Амал ё як қатор амалҳое, ки дахлнопазирии рӯҳии занонро бевосита халалдор менамоянд:

- ✓ таҳдиди зӯроварӣ ва расондани зарар ба зан ё ба шахси наздики ӯ бо сухан ё ба воситаи амалҳо (масалан, таъқиб ё намоиш додани яроқ);
- ✓ тамаъҷӯӣ ва таъқиб дар ҷои кор;
- ✓ паст задан ва суханони таҳқиромез;
- ✓ ҷудо (изолятсия) кардан ва маҳдуд намудани муошират (масалан, дар хона маҳкам кардани зан, маҷбур намудани зан барои корро партофтан ё ба зан манъ кардани муроҷиат ба духтур ва ғ.).

**Зӯроварии иқтисодӣ** – бо мақсади манъ ё назорати дастрасии занҳо ба захираҳо аз ҷумла ба вақт, пул, нақлиёт, хӯрок ё либос истифода бурда мешавад. Ба зӯроварии иқтисодӣ инҳо дохил мешаванд:

- ✓ барои зан кор карданро манъ намудан;
- ✓ хориҷ намудани зан аз раванди қабули қарор дар оила;
- ✓ нигоҳ доштани пул ё иттилооти молиявӣ;
- ✓ рад намудани пардохти счётҳо ё таъмини моддии зану кӯдакон ва ғ.

**Зӯроварӣ дар оила** – вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки ҳангоми он шахси ҷабрдида пурра таҳти назорат қарор мегирад ва имконияти худмуҳофизаткуниаш маҳдуд мешавад. Ин маънои онро дорад, ки дар оила барои чунин амал қувваҳо баробар нестанд, вақте ки як тараф назар ба тарафи дигар бартарият дорад. Амалҳои зӯроварона дар оила инчунин бо расондани зарари муайян – чил саломатӣ, зарари моддӣ ё маънавӣ алоқаманд мебошанд.

**Зӯроварӣ дар оила ба монанди дигар ҷиноятҳо/ҳуқуқвайронкуниҳо аломатҳои махсус дорад, ба монанди:**

- ✓ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА – усули назорат аз тарафи шахси содиркунандаи зӯроварӣ аз болои шахсе, ки ба зӯроварӣ дучор мегардад. Ба ақидаи таҷовузгар, ин усули тез ва самаранок ба даст овардани ягон мақсад мебошад, дар муқоиса бо дигар роҳҳои ғайризӯроваронае, ки саъю кӯшиши иловагиро талаб мекунанд. Азбаски зӯроварӣ дар чаҳорчӯбаи оила рӯй медиҳад, аксар вақт он барғалат чун кори дохилиоилавӣ дониста мешавад, бинобар ин, ҷабрдидагон барои ёрӣ муроҷиат намекунанд, ҳамин тариқ ба шахси зӯровар муяссар мегардад, ки далелҳои зӯровариро пинҳон дорад;
- ✓ Одатан, зӯроварӣ аз тарафи шахсе содир карда мешавад, ки шахси ҷабрдида дар мутеияти ӯ мебошад;
- ✓ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА амали якдафъаина нест, одатан он ҳар сари чанд вақт такрор шуда меистад. Агар чораҳои дахлдор дида нашаванд, зӯроварӣ дар оила мумкин аст оқибатҳои вазнин орад, ҳатто то ба ҳалокат расидани шахси ҷабрдида.

**Тибқи натиҷаҳои тадқиқоти тиббию демографӣ дар Тоҷикистон-2017 (ТТДТ-2017):**

- ✓ Тақрибан аз чор як ҳиссаи (24%) занони 15-49-сола дар синни 15-солагӣ зӯроварии ҷисмониро аз сар гузарондаанд.
- ✓ Ҳабдаҳ фоизи онҳо дар давоми 12 моҳи пеш аз тадқиқот зуд-зуд ё баъзан ба зӯроварии ҷисмонӣ дучор шуданд.
- ✓ Фоизи занҳое, ки дар синни 15-солагӣ зӯроварии ҷисмониро аз сар гузарондаанд, аз 19%-и соли 2012 дар соли 2017 то 24% зиёд гардид.
- ✓ Фоизи занҳое, ки дар давоми 12 моҳи охир зӯровариро аз сар гузарондаанд, аз 13% -и соли 2012 дар соли 2017 то 17 % зиёд шуд.
- ✓ Ду фоизи занҳои 15-49-сола ягон вақт ба зӯроварии шаҳвонӣ дучор гардидаанд, 1% зӯроварии шаҳвониро дар давоми 12 моҳи то тадқиқот аз сар гузарондаанд.
- ✓ Сию як фоизи занҳои ягон вақт шавҳардошта ягон шакли зӯроварии ҷисмонӣ, шаҳвонӣ ё рӯҳиро аз тарафи шавҳари ҳозира ё пештараашон аз сар гузарондаанд. Ҳар як зани чорум (24%) чунин зӯровариро дар давоми 12 моҳи охири пеш аз тадқиқот аз сар гузарондааст. Занҳо бештар ба зӯроварии ҷисмонӣ (25%) ё рӯҳӣ (16%) дучор мешаванд, назар ба зӯроварии шаҳвонии ҳамсар (2%).[1]

Аммо миқёси зуроварии маишӣ нисбати зан дар аксари мавридҳо махфӣ буда, ба ҳисоб гирифта намешавад. Ин сабабҳои бисёр дорад. Муоинаҳо нишон доданд, ки аксарияти кулли занҳое, ки нисбати онҳо зӯроварӣ содир карда шудааст, ҳеҷ гоҳ барои ёрӣ ба политсия ё ташкилотҳои дигар муроҷиат намекунанд; ҳамин тариқ, маълумотҳо дар бораи зӯроварӣ, ки дар муассисаҳои расмӣ вуҷуд доранд, аз афти кор, миқёси ҳақиқии проблемаро пурра инъикос намекунанд. Ғайр аз ин, азбаски зӯроварӣ одатан аз тарафи шарики зан аксар вақт дар хонаи зан содир карда мешавад, ин бисёр вақтҳо «кори шахсӣ» ҳисоб карда, мавриди муҳокима қарор намегирад.

Тибқи маълумоти ТТДТ-2017, дар байни занҳои 15-49-солае, ки ягон вақт шавҳар дошта, аз тарафи шавҳар гирифтори зӯроварӣ гардидаанд, аксарияташон (75%) ҳеҷ гоҳ ба ягон кас нақл накардаанд ва ёрӣ напурсидаанд, то ки пеши зӯровариро гиранд. Даҳ фоизи занҳо барои ёрӣ муроҷиат карданд, то ки зӯровариро қатъ кунанд, 15% дар бораи зӯроварӣ нақл карданд, лекин ёрӣ напурсиданд.

**Сиёсати Ҳукумати ҶТ оид ба решакан намудани зӯроварии гендерӣ.**

Ҳукумати ҶТ аз ҳуҷҷатҳои муҳими байналмилалӣ (Баённомаи СММ дар бораи решакан намудани зӯроварӣ нисбати занон, Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои

[1]Ниг. Агентии омори назди Президенти ҶТ. ТИДТ-2017, с.271

ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон, Платформаи амалиёти Пекин, Тавсия умумии Кумитаи КБҲЗ №35 оид ба зӯроварии гендерӣ нисбати занон, ки барои нав кардани тавсияи умумии №19 таъйин гардидааст, инчунин ҳуҷҷатҳои дигар) истифода бурда, ҷиҳати пешбурди баробарии гендерӣ ва решакан намудани зӯроварӣ нисбати занону духтарон сиёсати фаъолонаро амалӣ менамояд. Фаъолияти вазорату идораҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2014 – 2023, нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои онҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар асос меёбад.

Заминаи ҳуқуқии хизматрасониҳоро барои муҳофизати занон аз зӯроварии гендерӣ ва ва дастгирии ҷабрдидагони зӯроварӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ (Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Кодекси ҷиноятии ҶТ, Кодекси ҷиноятии мурофиавии ҶТ, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, дастурамалҳои идоравӣ ва ғ.), шартномаҳои ба тасвиб расидаи байналмилалӣ (Аҳдномаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ, Аҳдномаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, КБҲЗ ва ғ.), ҳуҷҷатҳои барномавии миллӣ ташкил медиҳанд.

Тибқи моддаи *6.* Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ҷабрдида ҳуқуқҳои зерин дорад:

- ✓ кӯмаки тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро гирад;
- ✓ бо розигии хаттиаш дар марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон ҷойгир карда шавад;
- ✓ маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ва дигар иттилоотро оид ба ҳифзи амнияташ гирад;
- ✓ ба мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ бо мақсади маҳкумкунии ҷамъиятии рафтори шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда муроҷиат намояд;
- ✓ ба мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ё суд дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда муроҷиат намояд.

Бо мақсади таъмини "*танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва мушаххасгардонии вазифаҳои субъектҳое, ки барои пешгирии зӯроварӣ дар оила масъуланд, ошкорсозӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки ба ҳодисаҳо мусоидат мекунанд*", соли 2014 Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014 - 2023 қабул карда шуд. Ба барнома Нақшаи амалиёт оид ба иҷрои он замима шудааст.

Солҳои охир фаъолияти ҳамаи сохторхои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ ва расондани хизматҳо ба ҷабрдидагони зӯроварӣ ҷоннок гардид. Нерӯи ҳамаи шарикон тақвият ёфт.

Дар мамлакат дар сатҳҳои миллӣ ва соҳавӣ барои махзани меъёрии ҳуқуқии сиёсат оид ба пешгирӣ намудани зӯроварии гендерӣ, ошкор кардани ҳодисаҳои зӯроварӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки зӯроварӣ содир намудаанд, расондани намудҳои гуногуни кӯмак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ заминаи устувор гузошта шуд.

Вале аз сабаби вуҷуд доштани нуқсонҳои муайян дар базаи меъёрии ҳуқуқӣ, мухолифатҳои байни меъёрҳои мавҷудаи базаи қонунгузорӣ, васеъ паҳн гардидани ақида дар байни аҳолӣ дар бораи таҳаммулпазирӣ нисбати зӯроварии содиргардида ва ҳақ баровардани он бо хусусиятҳои фарҳангӣ ва «менталитети шарқӣ» вазифаи тағйир додани дарки зӯроварӣ дар оила чун «кори шахсӣ» ва ҷоиз будани зӯроварӣ нисбати зан барои ин ё он амали ӯ торафт аҳамияти бештар пайдо мекунад.

**Ҳодисаҳои худкушии занону кӯдакон**
Дар 2 соли охир шумораи худкушии занҳо, ҳатто бо кӯдаконашон, хеле зиёд гардид.

Дар шимоли Тоҷикистон як нафар зан – сокини деҳаи Марғедари Поёни Панҷакент худро якҷоя бо ду кӯдаки хурдсолаш ба дарёи Зарафшон партофт. Ҳодиса 16 майи соли 2019

нисфирӯзӣ рӯй дод. Зан баъди ҷанҷоли оилавӣ аз хонааш баромада, дар назди деҳаи Кошона худро ба дарё партофт. Ба гуфти ҳамсояҳо, дар байни ҳамсарон доимо ҷангу ҷанҷол воқеъ мешуд. Баъди ҷанҷоли навбатӣ зан кӯдаконашро гирифта, хонаро тарк кард. Ҷасади ӯро, ки об ба соҳил баровarда будааст, наврасони маҳал 10 км поёнтар аз Марғедари Поён пайдо намуданд, ҷустуҷӯи кӯдакон давом дорад. Калониаш сесола ва хурдиаш семоҳа буд.

Сокини деҳаи Сумбулаи ноҳияи Ҳисор Сайрам Холова баъди ҷанҷол бо шавҳараш худро якҷоя бо ду кӯдакаш (Суҳбатуллои 4-сола ва Неъматуллои 2-сола) ба дарё партофт. Ҳамаашон ҳалок гардиданд. Соли 2016 сокини 25-солаи Норак Зӯҳро Маҳмудова низ баъди ҷангу ҷанҷол бо шавҳараш худро бо чор кӯдакаш ба дарёи Вахш партофт. Ягон нафари онҳоро наҷот дода натавонистанд.

Дар солҳои 2020-2021-ум 20 ҳодисаи мудҳиши зӯроварӣ нисбати духтарчаҳои ноболиғ ба қайд гирифта шуд, ки аз тарафи мардҳо – ҳамсояҳо, падарон, хешу таборон ва дигарон содир гардидаанд.

Никоҳҳои барвақт ва дигар амалҳои манфии зарарнок торафт бештар паҳн мешаванд.

**Омилҳое, ки ба зӯроварии гендерӣ ва оқибатҳои он мусоидат мекунанд**[2]

Одамон аксар вақт гумон мекунанд, ки зӯроварӣ нисбати занон, аз ҷумла зӯроварӣ дар оила, дар натиҷаи омилҳои муайян, масалан, истеъмоли машрубот ва бекорӣ ба амал меояд. Вале, эҳтимол, сабабҳои ин мураккабтаранд ва омилҳои мазкур дар якҷоягӣ дар баъзе оилаҳо боиси зӯроварӣ мешаванд, дар оилаҳои дигар не. Ин омилҳо дар сатҳҳои гуногун таъсир расонда метавонанд. Якҷояшавии як қатор омилҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ зӯровариро дар баъзе шароитҳо назар ба шароитҳои дигар маъмултар мегардонад. Ба онҳо меъёрҳои фарҳангие дохил мешаванд, ки мувофиқи онҳо мардҳо бояд сахтгиру золим бошанд, то ки мардигарии худро исбот кунанд; мардҳо «хӯҷаин»-и зани худанд ва ҷазо додан ё ислоҳ кардани рафтори зан ба қатори вазифаҳои онҳо дохил мешавад.

Таъсири як қатор омилҳо ба паҳншавии зӯроварӣ дар ҷомеа ва оила мусоидат мекунад, аз ҷумла омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию психологӣ.

Зӯроварии мардҳо нисбати занон натиҷаи бевоситаи нобаробарӣ дар муносибатҳои байни онҳо мебошад. Чунин нобаробарӣ мардҳоро водор менамояд, ки ҳукмронӣ ва назорати худро ба муносибатҳои оилавӣ нигоҳ доранд.

*«Қурбоққа шӯ дошт, обрӯ дошт».* Ин зарбулмасали тоҷикиро волидон барои он истифода мебаранд, ки духтарашонро аз ҷудошавӣ нигоҳ доранд.

Дар чаҳорчӯбаи ҷамъиятҳо низ зӯроварӣ дар натиҷаи як қатор омилҳо ба вуҷуд меояд. Ба онҳо дохил мешаванд: таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ба зӯроварии маишӣ, вуҷуд надоштани хадамоти ёрӣ барои заноне, ки ба зӯроварӣ дучор гардидаанд, дараҷаи баланди ҷинояткорӣ ва зӯроварии мардон нисбати якдигар. Баъзе омилҳо метавонанд осебпазирии баъзе занонро нисбати зӯроварӣ камтар кунанд, аз ҷумла иштирок дар гурӯҳҳои дастгирии занон ё дар коллективи занон, доштани замин ва даромади шахсии худ. Дар оила занҳо нисбати зӯроварӣ осебпазиртаранд, агар мардҳо пулро зери назорат гиранд, агар дар никоҳ проблемаҳо вуҷуд дошта бошанд ё агар зан дар оила ҷудо (изолятсия) карда шавад. Омилҳои дигари зӯроварӣ нисбати занон инҳо мебошанд: зӯроварӣ аз тарафи волидон дар

[2]Дар ин фасл маводњои маљмуаи таълимии «Тањкими њамкории байниидоравї барои ба даст овардани маќсадњои пешбурди баробарии гендерї ва решакан намудани зўроварї аз рўи аломати љинс», ки дар доираи барномаи «Нури рўшної» тањия шудааст, ќисман истифода гардиданд

кӯдакӣ, истеъмоли аз ҳад зиёди машрубот ё маводи мухаддир, ба қарибӣ аз даст додани ҷои кор ва ғ.

**Расми 1.** Омилҳои асосие, ки ба содиршавии зӯроварии гендерӣ бурда мерасонанд:

| | |
|---|---|
| **ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ** | 1. Бекори<br>2. Мушкилоти модди<br>3. Мушкилоти манзили<br>4. Вобастагии иктисодии зан аз мард ва гайра |
| **ИҶТИМОИЮ ФАРҲАНГӢ** | 1. Меъёрхои фархангию анъанавие, ки зуровариро бармеангезанд<br>2. Қолабҳои гендерӣ<br>3. Муносибати тахаммулпазиронаи чомеа нисбати зуровари дар оила<br>4. Сохтори ичтимоии падаршохи, накши бартариятноки мард ва гайра |
| **ИЧТИМОИЮ ПСИХОЛОГИ** | 1. Садамахои рухи (стрессхо)<br>2. Майзадаги, нашъамнди ва гайра<br>3. Майл ба зуровари бо назардошти тачрибаи муносибати волидон<br>4. Чудошави аз чомеа ва гайра |

**Вобастагии иқтисодии зан**

Занҳо ба моликият дастрасии бағоят маҳдуд доранд. Тибқи натиҷаҳои ТТДТ -2017 андаке бештар аз сеяки (36%) занҳои 15-49-сола хона доранд (худашон ё якҷоя). Танҳо 1% занҳо дар бонк суратҳисоб (счет) доранд.

Аз миқдори умумии занҳои 15-75-сола танҳо 32,6% дар қувваи кории мамлакат иштирок мекунанд. Ҳол он ки дар байни мардҳо ин 52,9%-ро ташкил медиҳад. Дар байни занҳои ҷавони 15-24-сола қариб нисфашон (49,3%) кор намекунанд ва ягон хел таълим намегиранд[3].

## ОҚИБАТҲОИ ЗӮРОВАРӢ

Дар муаррифӣ ба оқибатҳои зӯроварии гендерӣ диққат додан зарур аст. Аксар вақт зӯроварӣ нисбати занон одатан аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад. Ҳол он ки зӯровариҳои ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва шаҳвонӣ метавонанд барои саломатии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва репродуктивӣ оқибатҳои вазнин оранд.

Зӯроварии ҷисмонӣ аксар вақт боиси захмдоршавии ҷиддӣ мегардад. Чунин захму ҷароҳатҳо, ба монанди кабудшавии пӯст (аз ҷумла дар зери чашм), буридан, сӯзондани бадан, ҷунбидани майна, шикастани устухон ва ғ. бо зӯроварӣ алоқаманд мебошанд. Ба онҳо инчунин буридан бо корд ва дигар предметҳо, расондани осебҳои музмин, масалан, бадафт намудан бо роҳи сӯзондан, газидан ё истифодаи яроқ дохил мешаванд. Занҳое, ки зуд-зуд ба зӯроварии ҷисмонӣ дучор мешаванд, бештар аз чунин проблемаҳо, ба монанди дарди доимии сар, шикам, кос ва мушакҳои бадан шикоят мекунанд.

Чунин оқибатҳо барои саломатии рӯҳӣ, ба монанди тарс, изтироб, ошуфтаҳолӣ, хастагӣ ва рӯҳафтодагӣ низ бо зӯроварӣ нисбати занон алоқаманд мебошанд. Проблемаҳои хобу ғизо низ аз қабили вокунишҳои маъмулии дарозмуҳлат ба шумор мераванд. Инчунин муқаррар карда шуд, ки дар байни зӯроварии ҷисмонӣ ва чунин проблемаҳои рӯҳӣ, ба монанди қасди худкушӣ ва майзадагӣ алоқаи зич вуҷуд дорад.

Зӯроварӣ нисбати зан барои саломатии репродуктивии зан оқибатҳои вазнин меорад. Бисёре аз мардҳо таҳдиди ба кор бурдани зӯроварӣ ва худи зӯровариро барои нигоҳ доштани назорат ба фаъолияти кӯдакзоии зан, ба соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ истифода мебаранд.

[3] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ЉТ РТ. Занњо ва мардњо дар ЉТ. Душанбе. 2021с.45, 47

Занҳо метавонанд ба зӯроварӣ гирифтор шаванд, агар нақши худро дар никоҳ, дар вақти баҳсҳое, ки бо ҳомилашавӣ ва ё бо таваллуди кӯдак алоқаманданд, ё аз сабаби гумонбаршавӣ ба хиёнат зери шубҳа гузоранд. Тадқиқотҳое, ки дар мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда ва мамлакатҳои инкишофёбанда гузаронда шудаанд, нишон медиҳанд, ки занҳо хусусан дар вақти ҳомилагӣ ба зӯроварӣ осебпазир мегарданд, дар айни ҳол зарбаҳо одатан ба шиками зан равона карда мешаванд.

Зӯроварии шаҳвонӣ ҳам барои саломатии ҷисмонӣ ва ҳам барои саломатии рӯҳӣ оқибатҳои манфӣ меорад. Қурбониёни зӯроварӣ ба хавфи воқеии гирифторшавӣ ба бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сироятёбанда, аз ҷумла ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) дучор мешаванд. Хатари ҳомилашавии номатлуб низ зиёд аст. Қурбониёни таҷовуз ба номус метавонанд аз рӯҳафтодагӣ, парешонҳолӣ, вайроншавии реҷаи хобу ғизо, ҳисси қаҳру ғазаб, таҳқир, инчунин ҳисси гунаҳгорӣ азият кашанд.

Ниҳоят, зӯроварӣ нисбати занон дар оила метавонад ба марг бурда расонад. Маълумотҳо аз мамлакатҳои гуногун нишон медиҳанд, ки аксарияти ҳодисаҳои куштори занон аз тарафи шарики шаҳвонии ҳозира ё пештара, аксар вақт дар заминаи муносибатҳои дорои унсурҳои зӯроварӣ содир карда мешаванд. Ғайр аз ин, занҳо метавонанд даст ба худкушӣ зананд, ки ин барои онҳо имконияти охирин аст барои халос шудан аз зӯроварӣ.

Зӯроварӣ ғайр аз таъсир расондан ба саломатӣ, инчунин метавонад иштироки занро дар ҳаёти ҷомеа маҳдуд намояд ва ба кӯдакони ӯ таъсири манфӣ расонад. Зане, ки нисбати ӯ зӯроварӣ содир шудааст, маҷбур мешавад, ки чизу чораи худро фурӯшад, то ки пули чизҳоеро диҳад, ки шавҳараш барои ӯ харидан намехоҳад, пули хизматрасони тиббӣ ё хизматрасониҳои дигарро диҳад ё ба оилаашон ёрӣ расонад. Ин метавонад ба кори ӯ бинобар садама ва дахолати шарикаш халал расонад. Ғайр аз ин, ӯ ва кӯдаконаш маҷбур мешаванд, ки аз хона баромада раванд, агар зӯроварӣ миқёси таҳдидовар пайдо кунад. Шавҳароне, ки зӯроварӣ содир мекунанд, аксар вақт ба зани худ имкон намедиҳанд, ки бо волидон ва дӯстонаш вохӯрад ё дар фаъолияти динӣ ва ҷамъиятӣ, дар чорабиниҳо барои рушди ҷомеа иштирок намояд.

Ба назар гирифтан лозим аст, ки на фақат зан аз зӯроварӣ зарар мебинад. Дар бораи зӯроварӣ дар оила ва миқёси таъсири он сухан ронда, ба назар гирифтан зарур аст, ки зӯроварӣ агар ҳатто ба як нафар равона шуда бошад ҳам, ҳамаи аъзоёни боқимондаи оила низ зери таъсири он мемонанд, ки инро олимон «виктимизатсияи такрорӣ» меноманд. Шоҳидони зӯроварӣ низ худи ҳамон оқибатҳои рӯҳиро аз сар мегузаронанд, ки қурбонии зӯроварӣ аз сар мегузаронад. Хусусан кӯдакон, вақте мебинанд, ки чӣ тавр падарашон модарашонро таҳқир мекунад, азоби сахти рӯҳӣ мекашанд.

Зӯроварӣ ба кӯдакон бо роҳҳои гуногун таъсир мерасонад. Зӯроварӣ дар вақти ҳомилагӣ метавонад боиси бачапартоӣ ё таваллуди кӯдаки вазнаш кам ё маъюб гардад. Кӯдаконе, ки дар хонаводаҳои сермоҷаро дар шароити зӯроварӣ ба воя мерасанд, метавонанд бо тарсу ҳарос аз зӯроварӣ зиндагӣ кунанд, шоҳиди зӯроварӣ нисбати модарашон гарданд ва ҳангоми кӯшиши дахолат латукӯб карда шаванд. Зӯроварии маишӣ метавонад ба инкишоф ва хониши кӯдак дар мактаб низ таъсири манфӣ расонад.

**СМР-2030:** *«содир намудани шаклњои гуногуни зўроварї нисбати занон, ки ба занону духтарон зарари калони љисмонї ва рўњї мерасонад, имкониятњои онњоро барои истифодаи нерў мањдуд месозад, инчунин боиси харољотњои зиёд њам барои худи онњо ва њам барои умуман љомеа мегардад»*

Яке аз оқибатҳои манфии зӯроварии хонагӣ нисбати занон худкушӣ мебошад. Тибқи маълумоти Маърӯзаи миллии Пекин+25, дар ҳудуди ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2014-2017 ва 9 моҳи соли 2018 аз рӯи ҳодисаҳои ба худкушӣ расондан мувофиқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятӣ 224 парвандаи ҷиноятӣ кушода, бо хулосаи айбдоркунӣ ба суд фиристода шуд[4].

Ба он диққат додан зарур аст, ки одатан атрофиён ва шоҳидони зӯроварии гендерӣ оқибатҳои зӯровариро барои ҷомеа ва давлат намефаҳманд ва арзёбӣ намекунанд.

**Арзиши иқтисодии зӯроварӣ [5]**

Арзиши зараре, ки зӯроварӣ мерасонад, ҳам барои шахсони алоҳида ва ҳам давлат ва ҷомеа хеле гарон аст: хароҷотҳо барои хизматрасонии тиббӣ, кори судҳо, милитсия меафзоянд, талафот дар соҳаи маориф ба мушоҳида мерасад, ҳосилнокии меҳнати аҳли ҷомеа паст мешавад.

**Зарар аз зӯровариро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:**

1. Хароҷоти бевоситаи ҷабрдида ва хадамотҳое, ки дар бартараф намудани оқибатҳои зӯроварӣ: фаъолияти паноҳгоҳҳо, хароҷоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, системаи судӣ иштирок мекунанд.
2. Арзиши ғайримустақими фоидаи аз даст додашуда дар фаъолияти меҳнатӣ ва ҳосилнокии меҳнат: занҳо, корхона ва давлат дар маҷмуъ чиро аз даст медиҳанд, агар зан аз сабаби зӯроварӣ, аз ҷумла зӯроварии хонагӣ ба кор набарояд, ё таҷовузгаре, ки ба ҷавобгарӣ мекашанд, ба кор набарояд.
3. Арзиш ё баҳои ғайримустақими дарду азоби инсон.

«Дар Канада, тибқи маълумоти Маркази тадқиқотии Ванкувер оид ба проблемаи зӯроварӣ нисбати занон, занҳое, ки дар натиҷаи зӯроварӣ ба фаъолияти меҳнатӣ қобил нестанд, ҳар сол 7 млн доллар музди корро аз даст медиҳанд. Системаи таъминоти иҷтимоӣ барои дастгирии занҳое, ки аз сабаби зӯроварӣ маҷбур шуданд муносибатҳои оилавӣ ва шарикии худро қатъ намоянд, дар як сол 1,8 млн. доллар сарф мекунад. Маблағи умумии зарар дар натиҷаи талафоти тиббию моддӣ соле 1 539 650 387 долларро ташкил медиҳад. Ба ин рақам арзиши дар беморхона хобондани заноне, ки дар натиҷаи суъистифода аз муносибатҳои ҳамдигарӣ захмдор гардидаанд, дохил намешавад. Тибқи арзёбии коршиносон, дар Канада барои пӯшондани хароҷот барои эҳтиёҷоти тиббӣ, рӯзҳои кории дар натиҷаи зӯроварии шаҳвонӣ, ҳамла ва зӯроварии ҷисмонӣ нисбати занону духтарон талафшуда соле 4,2 млрд. долларро ташкил медиҳад».

Соли 2008 дар Ҷумҳурии Беларус таҳти унвони «Арзиши зӯроварии хонагӣ» тадқиқоти пилотӣ гузаронда шуд. Хароҷоти бевоситаи қурбонӣ ва давлат барои як ҳодисаи зӯроварӣ 883 828 сӯми беларусӣ (411 657 доллари ИМА)-ро ташкил дод.

Ҳамин тариқ, зӯроварии гендерӣ на фақат барои занону кӯдаконе, ки ба зӯроварӣ дучор гардидаанд, балки барои ҷомеа ва давлат низ оқибатҳои вазнин меорад. Занҳое, ки ба зӯроварӣ дучор гардидаанд, барои он ки пеши зӯровариро гиранд, дараҷаи захмдоршавиро кам кунанд, дастгирӣ ёбанд ё ба зӯроварӣ хотима гузоранд, стратегияҳои гуногунро истифода мебаранд. Ба инҳо дохил мешаванд: муқовимат, қатъ кардани муносибатҳо, муроҷиат ба дӯстон ё хешу таборон, муроҷиат ба политсия, кормандони тиб ё дигар хадамоти дастгирӣ барои гирифтани кӯмак. Вазифаи давлат аз он иборат аст, ки барои дастгирии қурбониёни зӯроварӣ ва фароҳам овардани шароит барои ҳаёти бидуни зӯроварӣ системаи маҷмуӣ ташкил намояд.

---

[4] Ниг. Тавзеҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Баённомаи Пекин ва Платформаи амалиёт (1995). 2019.

[5] http://programma.x-pdf.ru/16ekonomika/99634-1-cena-nasiliya-vliyanie-posledstviy-nasiliya-trafika-socialno-ekonomicheskiy-status-zhenschin-chelovecheskie-resursi-strani.php

**МАШҒУЛИЯТИ АМАЛИИ №1. САРГУЗАШТИ ЗЕБО: чӣ маслиҳат медиҳед?**

**Давомнокӣ:** 1 соату 50 дақиқа.

**Усулҳо:** кор дар гурӯҳҳои хурд.

**ҚАДАМИ 1** – Иштирокчиён ба 4 гурӯҳ тақсим шуда, бо саргузашти Зебо шинос мешаванд[6].

**Саргузашти Зебо:**
«Зебо бо шавњараш Саид ва ду кўдакаш – писарчаи 3-сола ва духтарчаи 5-солаш зиндагї мекунад. Ў синфи 7-ро тамом кардааст, ягон ихтисос надорад, кор намекунад. Шавњараш ба ў барои рўзѓор пули кофї намедињад, лекин кор кардан њам намемонад, чунки рашк мебарад. Вақте ки шавњараш маст ба хона меояд, ўро дашном медињад, мезанад, баъзан ба алоќаи љинсї маљбур мекунад, њатто агар инро занаш нахоњад. Зебо кўшиш намуд, ки бо ў суњбат кунад, лекин њамааш бефоида. Баръакс, ў бештар мезадагї шуд. Зебо аллакай чанд вақт шуд, ки фикри аз Саид људо шуданро дорад. Тамоми ин солњо ў ба њамааш тоқат мекард, дар ин бора ба ягон чизе намегуфт. Зебо намедонад, ки чї кор кунад, чї тавр аз ин зўровариҳо халос шавад...»

Чор гурӯҳ варақа мегиранд, ки дар он яке аз вариантҳои рафтори имконпазири Зебо навишта шудааст. Ҳар як варақа дорои якчанд савол мебошад, ки иштирокчиён бояд ба онҳо ҷавоб диҳанд, то ки саргузашти Зеборо ба охир расонда, ба ӯ маслиҳат диҳанд.

| Гурӯҳи 1 | Гурӯҳи 3 |
|---|---|
| **Зебо тасмим мегирад, ки барои ёрӣ муроҷиат кунад:**<br>1. Ӯ барои ёрӣ ба куҷо муроҷиат мекунад?<br>2. Дар он ҷо ба вай чӣ мегӯянд?<br><br>3. Ӯ қарор медиҳад, ки чӣ кор кунад? | **Зебо тасмим мегирад, ки аз Саид ҷудо шавад:**<br>1. Барои ӯ чӣ аз ҳама душвортар мегардад?<br>2. Ин ба кӯдакон чӣ гуна таъсир мерасонад?<br>3. Ба Зебо чӣ зарур аст, то ки аз хонаи шавҳараш баромада равад ва бо кӯдаконаш бе шавҳар зиндагӣ кунад? |
| **Гурӯҳи 2** | **Гурӯҳи 4** |
| **Зебо мехоҳад бо Саид гуфтугӯ кунад:**<br>1. Саид гапи киро гӯш мекунад?<br>2. Ин одам ба вай бояд чӣ гӯяд?<br>3. Саид чӣ гуна вокуниш нишон медиҳад, агар дигарон ба зиндагии ӯ дахолат карданӣ шаванд?<br>4. Саид чунин муомилаи Зеборо чӣ тавр шарҳ медиҳад? | **Зебо азхонаи Саид баромада меравад, вале баъди ду ҳафта ба назди ӯ бармегардад:**<br>1. Чӣ Зеборо маҷбур намуд, ки ба назди Саид баргардад?<br>2. Оила/дӯстон ба ин чӣ гуфтанд?<br>3. Ба фикри Шумо, баргаштани ӯ қарори дуруст буд? Барои ӯ ва барои кӯдакон ин қарори беҳтарин аст ё не? |

**ҚАДАМИ 2.** Баъди анҷом додани кор ҳар як гурӯҳ натиҷаҳои кори худро муаррифӣ мекунад, саволҳо медиҳанд, шарҳу тафсир медиҳанд ва вариантҳои худро дар бораи рафтори Зебо пешниҳод менамоянд.

**ҚАДАМИ 5.** Тренер аз рӯи муаррифиҳо натиҷаҳои корро ҷамъбаст мекунад.

[6] Ин мисол аз Модул оид ба зўроварї нисбати занон, ки Хенриета А.Ф.М. Янсен барои ЕЭК СММ тањия намудааст, гирифта мутобиқ гардонда шудааст. 4 марти с. 2011.

## МОДУЛИ 2. Самтҳои фаъолияти субъектҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ҷиҳати расондани хизматҳои асосӣ дар соҳаи зӯроварии гендерӣ дар оила

**ВАЗИФАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи дониш дар бораи муқаррароти асосии санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонунӣ оид ба фаъолияти субъектҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», аз ҷумла масъалаҳои рӯихати хизматҳое, ки ба ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ расонда мешаванд.
2. Ҳавасманд намудани иштирокчиён ба муфассал омӯхтани ҳуҷҷатҳои идоравӣ (дастурамалҳо, низомномаҳо, стандартҳо ва ғ.) дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ ва дастгирии ҷабрдидагони зӯроварӣ, истифодаи онҳо дар фаъолияти ҳамарӯза
3. Мусоидат ба ташаккул ва инкишоф додани маҳорату малакаҳои банақшагирӣ, таҳия ва иҷрои тадбирҳои самарабахш оид ба дастгирии занони аз ЗГШ ҷабрдида ва решакан намудани ЗНЗД

**Давомнокии умумӣ:** 1 соату 40 дақиқа

**Усулҳо:** лексияи хурд дар шакли муаррифӣ, мубоҳиса, кор дар гурӯҳҳои хурд

**Таҷҳизоту маводи зарурӣ:** проектор, ноутбук, экран, муаррифӣ бо слайдҳо, флипчартҳо, маркерҳо, скотч ва ғ.

**Маводи тақсимкардашаванда:** Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2014 – 2023. Дастурҳои идоравӣ барои кормандони вазорату идораҳо оид ба кор дар соҳаи зӯроварии гендерӣ ва шаҳвонӣ, *ниг. Рӯихати адабиёти тавсияшаванда.*

**СОХТОРИ МОДУЛ:**

| | **Муаррифӣ** | **Машғулиятҳои амалӣ** |
|---|---|---|
| 1 | | **Машғулияти амалии №2**.<br>Муайян кардани рӯйихати хизматрасониҳо дар соҳаи зӯроварии гендерӣ мувофиқи идораҳо (дар асоси санадҳои қонунгузорӣ ва дастурамалҳои идоравӣ).<br>*Кор дар гурӯҳҳои хурд мувофиқи идораҳо. 50 дақиқа* |
| 2 | **Муаррифии №3.**<br>Принсипҳои асосӣ ва рӯихати хизматрасониҳои асосӣ мувофиқи бахшҳо дар соҳаи ҳифзи ҳам занон ва ҳам духтарони аз зӯроварӣ ҷабрдида тибқи стандартҳои байналмилалии талабот, *бо истифода аз мубоҳиса ва натиҷаҳои машғулияти №2.* ***50 дақиқа*** | |

**МУҲТАВОИ МОДУЛ**

Субъектҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила». Принсипҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила. Ваколатҳои Ҳукумати ҶТ. Ваколатҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ, мақомоти корҳои дохилӣ тандурустӣ, маориф ва ғ. Принсипҳои асосии хизматрасонӣ дар соҳаи ЗГШ. Рӯихати хизматрасониҳо ҷиҳати пешгирии зӯроварии гендерӣ ва дастгирии ҷабрдидагони зӯроварӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ. Проблемаҳое, ки ба васеъ намудани дастрасӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо дар соҳаи зӯроварии гендерӣ монеъ мешаванд.

## МАВОДИ ЁРИРАСОН БАРОИ ТРЕНЕРОН:

### Субъектҳои асосии Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»

Дар Боби 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ваколатҳои ҳамаи субъектҳои асосӣ муайян карда шудаанд:

- Моддаи 7. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила
- Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила
- Моддаи 9. Ваколатҳои мақомоти давлатии кор бо занон ва оила оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила
- Моддаи 10. Ваколатҳои комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак доир ба пешгирии зӯроварӣ дар оила Ваколатҳои комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак доир ба пешгирии зӯроварӣ дар оила
- Моддаи 11. Ваколатҳои мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила
- Моддаи 12. Ваколатҳои мақомоти соҳаи маориф оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила
- Моддаи 13. Ваколатҳои мақомоти соҳаи тандурустӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила
- Моддаи 14. Ваколатҳои мақомоти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила
- Моддаи 15. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила
- Моддаи 16. Марказҳои ёрирасон
- Моддаи 17. Марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон

Дар сатҳи маҳаллӣ хадамоти зерин ҷабрдидагони зӯровариро дастгирӣ карда метавонанд:

| | |
|---|---|
| Нозири минтақавии милитсия ва/ё Нозири милитсия оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила | Бақайдгирии муроҷиат ва дастгирӣ намудани ҷабрдида. Дидани чора нисбати шахсе, ки зӯроварӣ содир намудааст. Ба қайд гузоштани шахсе, ки дар оила зӯроварӣ содир кардааст, нисбати ӯ татбиқ намудани чораҳои тарбиявӣ ва пешгирикунанда. |
| Шуъбаи кор бо занон ва оила, Марказҳои машваратии захиравию иттилоотӣ | Таҳлили сабабу вазъиятҳое, ки ба зӯроварӣ дар оила мусоидат кардаанд. Машваратҳои ройгони ҳуқуқшинос. Бозфиристии ҷабрдида ба хадамоти дахлдори давлатӣ ва ғайридавлатӣ. Амалисозии тадбирҳои иттилоотӣ ва ташвиқотӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила. |
| Ҳуҷраи офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои шахсони аз зӯроварии гендерӣ ҷабрдида | Расондани ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ва психологӣ. Дар мавридҳои зарурӣ ба табобати дахлдор фиристодани ҷабрдидагон; бо розигии ҷабрдидагон дар мавридҳои |

| | |
|---|---|
| | зарурӣ ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод намудани маълумот дар бораи зӯроварии содиргардида |
| Марказҳо ё шуъбаҳои байниноҳиявии экспертизаи судию тиббӣ | Муқаррар намудани ҳолатҳое, ки бояд бо қарори судҳо, мақомоти таҳқиқот ва тафтишоти пешакӣ, инчунин дар асоси дархостҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ тавассути ташкил ва гузарондани экспертизаи давлатии судӣ исбот карда шаванд |
| Шуъбаҳои тиббию машваратии ҷавонон | Масъалаҳои саломатии репродуктивию шаҳвонӣ ва ҳуқуқ. Машваратҳои тиббӣ: ташхис ва табобат. Дастгирии психологӣ. Ҳалли масъалаҳои ҳомилагии наврасон. Бозфиристӣ ба хадамоти дахлдор. |
| Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак | Амалисозии тадбирҳои зарурӣ нисбати ҷабрдидагони ноболиғ ва офиятбахшии онҳо дар ҳамкорӣ бо субъектҳои дигаре, ки зӯроварӣ нисбати кӯдаконро пешгирӣ менамоянд. Дар мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд намояндагӣ кардани манфиатҳои қонунии ноболиғоне, ки дар оила ба зӯроварӣ дучор гардидаанд |
| Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак | Додани машваратҳои ҳуқуқӣ. Ҳузур доштан дар ҷаласаҳои суди тамоми зинаҳо, аз ҷумла дар ҷаласаҳои пӯшидаи суд. Муроҷиат намудан ба суд ё дигар мақомоти дахлдори давлатӣ, аз он ҷумла бо аризаи даъво барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсоне, ки бинобар аҳволи саломатӣ ё дигар сабабҳои узрнок аз воситаҳои ҳуқуқии ҳимояи худ истифода бурда наметавонанд. Ба аризадиҳандагон фаҳмондани ҳуқуқҳои онҳо ва машварат додан дар бораи усулҳои самараноктари ҳифзи ҳуқуқҳои инсонии худ. |
| Ҳуқуқшиносони давлатии Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» | Ба аҳолӣ пешниҳод намудани иттилооти ҳуқуқӣ тавассути шарҳ додани иттилооти ҳуқуқӣ дар бюроҳои ҳуқуқии давлатӣ дар вақти машваратҳои сафарӣ ва тавассути алоқаи телефонӣ. Тартиб додани аризаҳо, шикоятҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ. Расондани ёрии иттилоотӣ барои таъмини дастрасӣ ба ёрии такрории ройгони ҳуқуқӣ ва иттилоъ додан дар бораи имкониятҳои то суд ҳал кардани баҳсҳои ҳуқуқӣ дар чаҳорчӯбаи қонунгузории мавҷуда. |
| Суд | Назорат ба қонунӣ ва асоснок будани қарорҳо ва амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор. Таъмини иҷрои ҳукмҳо ва дигар қарорҳои суд.  Додани шарҳу тафсир оид ба масъалаҳои амалияи судӣ. |
| Бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Ба ҷабрдидагон фаҳмондани ҳуқуқҳои иҷтимоии онҳо, ба онҳо расондани ёрии иҷтимоӣ.  Др ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ андешидани тадбирҳо оиди бо кор таъмин намудани ҷабрдидагон ва шахсоне, ки зӯроварӣ содир кардаанд. Мусоидат ба иҷрои чораҳои кӯмакрасонӣ ва муҳофизати ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, хусусан занон, кӯдакон, пиронсолон ва маъюбон тибқи қонунгузории ҶТ. |
| Ташкилотҳои ҷамъиятӣ, марказҳои дастгирӣ, марказҳои буҳронӣ | Машваратҳои психологӣ, ҳуқуқӣ, ҳамроҳӣ кардан дар мақомоти давлатӣ. Ёрии аввалияи тиббӣ. Дар паноҳгоҳҳо ҷойгир намудани ҷабрдидагони зӯроварӣ. Кор бо аъзоёни оила ё таҷовузгар барои ҳалли низоъ. Кор бо кӯдакон ва наврасоне, ки дучори зӯроварӣ гардидаанд. |

**Принсипҳои калидӣ ва рӯихати хизматрасониҳои асосӣ мувофиқи бахшҳо дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ ва дастгирии занону духтарони аз зӯроварӣ ҷабрдида тибқи стандартҳои байналмилалӣ**

Пеш аз ҳама ба худи мафҳуми «хизматрасониҳои асосӣ/базавӣ» таваҷҷуҳ бояд кард.

**Хизматрасониҳои асосӣ/базавӣ** маҷмуи асосии хизматрасониҳоеро дар бар мегиранд, ки аз ҷониби чунин бахшҳо, ба монанди тандурустӣ, хадамоти иҷтимоӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти судӣ расонда мешаванд. Ин хизматрасониҳо бояд ба ҳуқуқҳо, амният ва некӯаҳволии ҳар як зан ё духтаре, ки аз рӯи аломати гендерӣ ба зӯроварӣ дучор гардидааст, кафолат диҳанд.

Тибқи стандартҳои байналмилалӣ, хизматрасониҳои асосӣ бояд дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монда шаванд [7]:

| | |
|---|---|
| **Њимояи њуќуќї** | • Њимояи њуќуќї хизматњоеро пешбинї менамояд, ки њангоми расондани онњо ба амният ва некўањволии занону духтарон, ба муомилаи шоиста, боэњтиромона ва боодобона нисбати занону духтарон афзалият дода мешавад. |
| **Пешбурди баробарии гендерї ва васеъ намудани њуќуќу имкониятњои занон** | • Хизматрасонињо бояд ба тањаммулнопазирии ќатъї ё решакан намудани зўроварї нисбати занону духтарон мусоидат кунанд. Хизматрасонињо бояд озодии ирода ва интихоби занону духтаронро дастгирї намоянд |
| **Ба назар гирифтани хусусиятњои фарњангї ва суннусолї** | • Хизматрасонињои асосї бояд бо назардошти њолатњои инфиродї ва таљрибаи њаётии занону духтарон, инчунин синну сол, фарњанг, тамоюли шањвонї, айнияти гендерї, мансубияти этникї ва забонї анљом дода шаванд. |
| **Нигаронида шудан ба талаботи ќурбониён\љабрдидагон** | • Њуќуќњо, талабот ва хоњишњои занону духтарон бояд дар маркази диќќат ќарор дода шаванд. Ин баррасии талаботњои сершумори ќурбониён ва љабрдидагонро дар назар дорад. Хизматњо бояд ба хоњишњои зан мувофиќат кунанд. |
| **Диќќати аввалиндараља ба амният** | • Њангоми расондани хизматњои асосї ба амнияти гирандагони хизматњо ањамияти аввалиндараља бояд дод, то ки ба расидани зарари аз ин њам зиёдтар роњ дода нашавад. |
| **Ба љавобгарї кашидани шахсе, ки зўроварї содир намудааст** | • Барои ба љавобгарї кашидани шахсоне, ки зўроварї содир намудаанд, вуљуд доштани хизматњои асосї талаб карда мешавад. Хизматрасонињои асосї бояд иштироки ќурбониён/љабрдидагонро дар рафти мурофиањои судї дастгирї ва осон намоянд. Дар ин маврид бори масъулият барои барќарорсозии адолат бояд бар дўши давлат бошад, на бар дўши зан. |

**Принсип: Нигаронида шудан ба талаботи қурбониён\ҷабрдидагон** омӯзиши муфассали талаботи ҷабрдидагони зӯровариро пешбинӣ менамояд.

**Талаботи амалӣ ва стратегии ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ.**

Ҳангоми расондани хизматҳо муассисаҳои иҷтимоӣ бояд ба талабот ва манфиати занҳои аз зӯроварӣ ҷабрдида диққат диҳанд. Занҳое, ки дар оила аз зӯроварӣ ҷабр дидаанд, ҳам талаботи амалӣ ва ҳам талаботи стратегӣ доранд. Талаботҳои амалӣ ва стратегии занҳое, ки аз зӯроварии гендерӣ ҷабр дидаанд, дар асоси мақоми мушаххас ва вазъияти занон дар оила

[7] Ниг.:Мавод барои иштирокчиёни тренинг. Стандартњои байналмилалии маљмуи хизматрасонињои асосї барои занону духтароне, ки дучори зўроварї гардидаанд (*ба забонњои тољикї ва русї)*

ва ҷомеа, сатҳи маълумоти умумӣ ва касбӣ, шуғли онҳо дар бахши ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ғ. муайян карда мешаванд.

**Расми 2.** Талаботҳои амалии гендерии занони аз зӯроварӣ ҷабрдида инҳо иборат буда метавонанд:




аз

**Расм.** Талаботҳои стратегии гендерии занони аз зӯроварӣ ҷабрдида




Ҳангоми муайян кардани чораҳои стратегӣ барои муҳофизати занон аз зӯроварии гендерӣ ба талаботу манфиатҳои мардҳо низ диққат додан зарур аст. Муайян кардани талаботҳои амалии гендерии мардҳо чандон душвор нест. Аммо ҳангоми тартиб додани нақшаҳои кор бо марди таҷовузгар, ҳангоми муайян кардани талаботу манфиатҳои стратегии мардҳо масъала хусусияти маҷмуӣ (комплексӣ) мегирад, масалан: марде, ки зӯроварӣ содир мекунад, то кадом андоза ба манбаъҳои даромад имконият ва дастрасӣ дорад, барои ба кор даромадан оё ихтисосе дорад, тайёр аст, ки тағйир ёбад ва зӯровариро бас кунад, то кадом дараҷа ғами саломатии рӯҳию ҷисмонии аъзоёни оилаи худро мехӯрад ва ғ.

**БАХШ: Хизматрасониҳо дар соҳаи тандурустӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ барои занону духтароне, ки ба зӯроварӣ дучор гардидаанд**

Дар вақти муаррифӣ иштирокчиёнро аз соҳаи тандурустӣ ҷалб намуда, аз онҳо хоҳиш кардан лозим аст, ки рӯйхати хизматрасониҳоеро, ки онҳо рӯзи гузашта тартиб дода буданд, хонанд. Баъди ин рӯйхати хизматрасониҳои онҳоро бо рӯйхате, ки мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ тартиб дода шудааст, муқоиса кардан лозим аст.

**Расми 3.** Рӯихати умумии хизматрасониҳо дар соҳаи тандурустӣ барои занону духтароне, ки дучори зӯроварӣ гардидаанд.




Қайд кардан зарур аст, ки ин ду рӯихати хизматрасониҳо ба якдигар тақрибан мувофиқат мекунанд. Дар навбати аввал ҷабрдидагони зӯроварии гендериро ошкор кардан зарур аст. Ба расонандагони хизматҳои тиббию санитарӣ донистан зарур аст, ки зӯроварӣ мумкин аст сабаби пайдошавии проблемаҳо дар саломатии занон ё бадшавии саломатӣ гардад. Занҳое, ки ба зӯроварӣ дар муносибатҳо ва зӯроварии шаҳвонӣ дучор гардидаанд, аксар вақт аз сабаби бад шудани ҳолати рӯҳӣ ё ҷисмонӣ, ки бо зӯроварӣ алоқаманд мебошад, аз он ҷумла садамаҳо, барои ёрии тиббӣ муроҷиат мекунанд. Аммо бисёр вақт онҳо аз шарм ё аз бими маҳкум карда шудан ва ё аз ҳисси тарс аз шарики худ ба расонандаи хизматҳо дар бораи зӯроварӣ хабар намедиҳанд.

Ҳангоми расондани ёрии қатори якум ба зане, ки дучори зӯроварӣ гардидааст, ба чор намуди талабот диққат додан зарур аст:

1) талаботи таъхирнопазир ба саломатии ҳиссӣ ва психологӣ;
2) талаботи таъхирнопазир ба саломатии ҷисмонӣ;
3) талаботи ҷорӣ ба амният;
4) дастгирии ҷорӣ ва талабот ба саломатии рӯҳӣ.

Ёрии қатори якум дастгирии амалиро таъмин намуда, ба талаботҳои ҳиссӣ ва ҷисмонии зан, инчунин ба талаботи ӯ ба амният ва дастгирӣ бе дахолат кардан ба ҳаёти шахсии ӯ ҷавоб медиҳад. Дар аксари мавридҳо ёрии қатори якум муҳимтарин ёрие мебошад, ки расондан мумкин аст.

## БАХШ: Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва системаи адолати судӣ

Тибқи стандартҳои байналмилалӣ, хизматрасониҳои асосӣ дар соҳаи адолати судӣ ва ҳифзи тартибот ҳамаи ҷанбаҳои ҳамкории қурбониён ва ҷабрдидагонро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва адолати судӣ — аз додани ариза ё робитаи аввалин то таъмини воситаҳои зарурии ҳимояи ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Ин хизматрасониҳо мувофиқи марҳалаҳои асосии системаи адолати судӣ гурӯҳбандӣ шудаанд.

*Раванди бефосилаи ҳамкории қурбониён ва ҷабрдидагон бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва системаи адолати судӣ:*

- пешгирӣ
- робитаи аввалин
- тафтишот
- мурофиаҳои тосудӣ/баррасии пешакии парванда
- раванди тафтишоти судӣ
- ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон ва ҷуброн
- мурофиаҳои баъдисудӣ

Бо назардошти амният ва дастгирии ҷабрдидагони зӯроварӣ чунин хизматҳое низ заруранд, ки бояд дар чаҳорчӯбаи тамоми системаи адолати судӣ дастрас бошанд, ба монанди муҳофизат, дастгирӣ, пешниҳоди иттилоот ва ҳамоҳангсозии бахши адолати судӣ.

*Дар муаррифӣ ҳангоми муҳокимаи ин рӯйхати хизматрасониҳо иштирокчиёнро аз ШКД, ҳуқуқшиносони давлатӣ, кормандони суд ва прокуратураро ҷалб кардан зарур аст, то ки онҳо рӯйхати хизматрасониҳои пештар тартибдодаашонро хонанд.*

**БАХШ: ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОӢ (*Шуъбаҳои кор бо занон ва оила, ҳифзи иҷтимоӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ.)***

Расондани хизматҳои босифати иҷтимоӣ – ҷузъи ҳаётан зарурии чораҳои ҳамоҳангшудаи бисёрсоҳа дар ҷавоби зӯроварие, ки занону духтарон ба он дучор шудаанд. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз як қатор хизматҳое иборатанд, ки барои таъмини ҳуқуқҳо, бехатарӣ ва некӯаҳволии занону духтарони ба зӯроварӣ дучоргардида хеле муҳим мебошанд, аз ҷумла хабар додан дар вазъиятҳои бухронӣ ба хадамоти ёрии телефонӣ, гурезгоҳи бехавф, иттилооти ҳуқуқӣ, иттилоот дар бораи ҳуқуқҳо ва машваратҳо.

**Бахши хизматрасониҳои иҷтимоӣ** як қатор кӯмаку хизматҳое мерасонад, ки ба баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволӣ ва васеъ намудани имкониятҳои гурӯҳҳои мушаххаси аҳолӣ равона гардидаанд. Ин хизматрасониҳо метавонанд хусусияти умумӣ дошта бошанд ё барои ҳалли мушкилоти мушаххас чораҳои мушаххастар, масалан, чораҳои кӯмакрасонӣ ба занону духтарони аз зӯроварӣ ҷабрдидаро пешбинӣ намоянд. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои занону духтароне, ки дучори зӯроварӣ гардидаанд, аз хизматҳое иборатанд, ки давлат мерасонад ё онҳоро маблағгузорӣ менамояд, ё дигар субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи маҳаллӣ, аз ҷумла ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва динӣ мерасонанд.

**Рӯйхати хизматрасониҳои иҷтимоӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ барои занону духтароне, ки дучори зӯроварӣ гардидаанд**

1. Иттилоъдиҳӣ дар вазъиятҳои бухронӣ
2. Машваратдиҳӣ дар вазъиятҳои бухронӣ
3. Хадамоти кӯмакрасонии телефонӣ
4. Манзили бехавф
5. Ёрии моддӣ ва молиявӣ
6. Тартиб додан, барқарор ва иваз намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият

7. Иттилооти ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ, машваратдиҳӣ, намояндагии манфиатҳо, аз ҷумла дар мақомоти сершумори судӣ
8. Дастгирии психологию иҷтимоӣ ва машваратдиҳӣ
9. Дастгирие, ки ба қонеъ гардондани талаботи занон равона гардидааст
10. Хизматрасонӣ ба кӯдаконе, ки аз зӯроварӣ ҷабр дидаанд
11. Маълумотдиҳӣ, маърифатнокгардонӣ ва фарогирӣ дар сатҳи ҷомеаҳои маҳаллӣ
12. Ёрӣ расондан бо мақсади таъмини мустақилияти иқтисодӣ, барқарор намудан ва ба даст овардани мустақилият

*Сипас дар муаррифӣ иштирокчиёнро аз муассисаҳои иҷтимоӣ ҷалб намоед, то ки онҳо рӯихати хизматрасониҳои пештар тартибдодаашонро хонанд: аз шуъбаҳои кор бо занон ва оила, ҳифзи иҷтимоӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ.*

Баррасии тамоми маҷмуи хизматрасониҳои асосӣ ба таври аёнӣ нишон медиҳад, ки барои таъмин намудани ҳамаи талаботҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ ва талаботҳои амалию стратегии онҳо ҳамкории байнисоҳавиро ривоҷ додан зарур аст.

**МАШҒУЛИЯТИ АМАЛИИ №2. Муайян кардани рӯихати хизматрасониҳо мувофиқи бахшҳо дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" ва дастурамалҳои идоравӣ.**

**Давомнокии умумӣ:** 1 соат

**Усул:** Кор дар гурӯҳҳои хурд – мувофиқи идораҳо

**Маводи тақсимкардашаванда:** Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" ва дастурамалҳои идоравӣ.

**ТАВСИЯҲО БА ТРЕНЕР:**

**ҚАДАМИ 1.** Иштирокчиёнро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, флипчартҳо, фломастерҳо ва коғазро тақсим кунед.

**ҚАДАМИ 2.** Супоришро эълон кунед:

Ҳар як гурӯҳ дар асоси омӯзиши моддаҳои Қонун «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва дастуруламалҳои идоравӣ бояд рӯихати хизматҳоеро тартиб диҳад, ки вазорату идораҳои дахлдор барои пешгирии зӯроварии гендерӣ ва дастгирии қурбониёни зӯроварӣ мерасонанд. Рӯихат ва ҷавобҳо ба ин саволҳо дар флипчарт ё ноутбук сабт карда шаванд. Барои ин кор 1 соат ҷудо карда мешавад.

**1. Барои иштирокчиён аз ВКД**

Дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" (моддаи 11), Дастурамал оид ба ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар соҳаи пешгирӣ, бартарафкунӣ ва эътино намудан ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила, Фармони вазири ВКД ҶТ №27б\з аз 20 апрели соли 2016 (Дастурамал доир ба ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оиди пешгирӣ, бартарафкунӣ ва эътино намудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила), Дастурамал оид ба қоидаҳои ёрии амалӣ аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) (Фармони вазири ВКД ҶТ №893 б\з аз 31 декабри с. 2019) рӯихати хизматҳо дар соҳаи ЗНЗД, ки ВКД ҶТ мерасонад, муайян карда шавад .

**2. Барои иштирокчиён аз Вазорати адлияи ҶТ**

Дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Дастурамал барои ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии МД «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и ВА ҶТ оид ба расондани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила. Фармони директори МД «МЁҲ» №12 аз 08.11.18.

**3. Барои иштирокчиён аз соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**Тандурустӣ:** Дастурамал барои кормандони тиб оид ба вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони ВТҲИА ҶТ, №443 аз 11.05.2018); Низомномаи Ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоии назди таваллудхонаҳо ва беморхонаҳои клиникии марказӣ барои шахсоне, ки аз зӯроварӣ дар оила ҷабр дидаанд (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ аз 20 октябри с. 2018, №973). Вокуниши байнисоҳавӣ ба зӯроварии гендерӣ. Проседураҳои амалиётии стандартӣ.

**Ҳифзи иҷтимоӣ**: Дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" ва дастурамалҳои идоравӣ рӯихати хизматҳоро дар соҳаи ЗНЗД, аз ҷумла Дастурамалро оид ба вокуниши кормандони хадамоти махсус дар мавридҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №493 аз 11 майи соли 2018) таҳия намояд.
Таснифот ва стандартҳои категорияҳои хизматҳои иҷтимоии «Хизматрасонии иҷтимоӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила», №198 от 04.03.21.

**4. Мақомоти маориф ва илми ҶТ**

Дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" ва дастурамалҳои идоравӣ рӯихати хизматҳоро дар соҳаи ЗНЗД, аз ҷумла Дастурамалро барои кормандони муассисаҳои таълимӣ оид ба пешгирӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон муайян намояд. Қарори №11 Шӯрои илмию методии ВМваИ ҶТ аз 21.12.2017.

**5. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ**

Дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" ва дастурамал оид ба ташкили фаъолияти ККЗО дар соҳаи баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила, Фармони РККЗО №159 аз 08.11.18

**6. Прокуратура ва судҳо**

**7. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ**

**ҚАДАМИ 2.** Рӯихати хизматрасониҳоро дар гурӯҳ муҳокима намуда, онро дар флипчарт сабт кунед.

**ҚАДАМИ 3.** Рӯихатро нигоҳ доред. Он барои иҷлосияи оянда даркор мешавад.

**ҚАДАМИ 4.** Тренер натиҷаҳоро ҷамъбаст кунад.

## МОДУЛИ 3. Ҳамкории байниидоравӣ ҷиҳати таъмин намудани хизматрасониҳои босифат барои ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ: роҳу усулҳо ва мушкилот

### ВАЗИФАҲОИ ТАЪЛИМ

1. Мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва дониш дар бораи принсипу усулҳои рушди ҳамкориҳои байнисоҳавӣ барои таъмин намудани маҷмуи хизматрасониҳо ба ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ.

2. Беҳтар намудани фаҳмиши аҳамияти амалҳои ҳамоҳангшуда ва фаъолияти мунтазами ГКБ барои таъмин намудани талаботи ҷабрдидагони зӯроварӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти расонандагони хизматҳо.
3. Мусоидат ба ташаккул ва инкишоф додани малакаю маҳорати таҳияи нақшаҳои инфиродӣ ва истифодаи системаи бозфиристӣ.

**Давомнокии умумӣ:** 7 соату 10 дақиқа

**Усулҳо:** лексияи хурд дар шакли муаррифӣ, мубоҳиса, бозиҳои нақшӣ, кор дар гурӯҳҳои хурд.

**Таҷҳизот ва маводи зарурӣ:** проектор, ноутбук, экран, муаррифӣ бо слайдҳо, флипчартҳо, маркерҳо, скотч ва ғ.

**Маводи тақсимкардашаванда:** Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2014 – 2023, Дастурамал барои кормандони вазорату идораҳо оид ба кор дар соҳаи зӯроварии гендерӣ ва шаҳвонӣ (ЗГШ), *ниг. Рӯйихати адабиёти тавсияшаванда.*

## СОХТОРИ МОДУЛ

| Муаррифӣ | Машғулияти амалӣ |
|---|---|
| **Муаррифии №4**<br>Нақши ҳамкории байниидоравӣ ва фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ (ГКБ) дар пешгирии зӯроварии гендерӣ ва шаҳвонӣ (ЗГШ) ва ба ҷабрдидагон расондани хизматҳо. **Чӣ ҳаст ва чӣ нест** бо истифода аз мубоҳиса. *50 дақиқа* | **МА №4.**<br>Саида ба чӣ гуна ёрӣ муҳтоҷ аст ва кӣ ба вай ёрӣ мерасонад?<br>Таҳия ва муҳокимаи нақшаи инфиродӣ, 2 соат |
| **Муаррифии №5.**<br>Нақшаи инфиродӣ ва бозфиристӣ – василаҳои муҳими таъмини талаботҳо ва дастгирии ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ.<br>*30 дақиқа* | **МА №5.**<br>Ҳисобот дар бораи фаъолияти ГКБ-и ноҳиявӣ/шаҳрӣ ҷиҳати васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои маҷмуӣ дар соҳаи ЗГШ дар соли 2021 ва нақшаҳо барои соли 2022. *Кор дар гурӯҳҳои хурд.* Бозии нақшӣ. Ташкил ва гузарондани нишасти матбуотӣ, 3 гурӯҳ<br>*1 соату 45 дақиқа* |
| Гузарондани тести баъдитренингӣ ва баҳодиҳӣ ба тренинг (*15 дақиқа*) | Ҷамъбасти натиҷаҳои тренинг, 10 дақиқа |

## МУҲТАВОИ МОДУЛ

Нақши ҳамкории байниидоравӣ дар пешбурди сиёсати решакансозии зӯроварии гендерӣ. Принсипҳо ва усулҳои асосии фаъолияти Гурӯҳҳои кории байниидоравӣ. Ҷанбаҳои қавӣ ва сусти ГКБ. Марҳалаҳои асосии вокуниш ва дахолат дар соҳаи зӯроварии гендерӣ. Шаклҳо ва самтҳои фаъолияти ГКБ оид ба васеъ намудани дастрасии ҷабрдидагон ба хизматрасониҳои гуногун. Бозфиристӣ чун василаи қонеъгардонии талаботҳои амалӣ ва стратегии қурбониёни зӯроварии гендерӣ.

**Нақши ҳамкории байниидоравӣ ва фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ (ГКБ) дар пешгирии зӯроварии гендерӣ ва шаҳвонӣ (ЗГШ) ва ба ҷабрдидагон расондани хизматҳо[8]**

Ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ ҷузъи асосии чораҳои ҷавобӣ ба зӯроварӣ нисбати занону духтарон ба шумор меравәнд. Чораҳои ҳамоҳангшудаи ҷавобӣ муҳиманд, зеро онҳо барои ҳимояи қурбониён/ҷабрдидагон аз зӯроварӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон таъсири бештар мерасонанд, назар ба он ки ҳангоми ҳал намудани ин проблемаҳо бахшҳои гуногуни ҷомеа аз якдигар ҷудо амал намоянд. Ҳамоҳангсозӣ ба қурбониён/ҷабрдидагон, муассисаю идораҳо, ки ҷавобан ба зӯроварӣ нисбати занон тадбирҳо меандешанд, инчунин ба ҷомеа афзалият медиҳад.

Дар давраи солҳои 2016-2018 дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияю вилоятҳои мамлакат бо мақсади мусоидат намудан ба иҷрои самараноки Қонун «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023 *Гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба муқовимат ба зӯроварӣ дар оила (минбаъд ГКБ)* ташкил карда шуданд.

Дар ташкил ва фаъолияти ГКБ лоиҳаи «Пешгирии зӯроварии хонагӣ» (PDV), ки бо дастгирии молиявии Ҳукумати Швейтсария, САҲА ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад, ёрии калон расонд. Дар вилояти Хатлон бо дастгирии САҲА ва лоиҳаи PDV 26 гурӯҳи кории байниидоравӣ ташкил карда шуд (1-то дар вилоят ва 25-то дар шаҳру ноҳияҳои вилоят). Гурӯҳҳои кории байниидоравӣ (ГКБ) оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар 18 шаҳру ноҳияи вилояти Суғд ташкил карда шуданд. Ба дастурамалҳои ВКД, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ва ғ. дар бораи системаи бозфиристии қурбониёни зӯроварӣ муқаррароти дахлдор дохил карда шуданд.

Вазифаҳои асосии Гурӯҳи кории байниидоравӣ:[9]

- ✓ Тайёр кардани пешниҳодҳо оид ба ташакккул додани сиёсати маҳаллӣ дар соҳаи муқовимат ба зӯроварӣ дар оила дар ноҳия/вилоят, таҳия ва иҷрои нақшаҳои солонаи кор оид ба муқовимат ба зӯроварӣ дар оила ва тавонбахшии иҷтимоии шаҳрвандоне, ки дар оила аз зӯроварӣ ҷабр дидаанд;
- ✓ Ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот оид ба мушкилоти зӯроварӣ дар оила (тибқи салоҳияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ) барои таҳияи тавсияҳо дар бораи муайян кардани тарзу усулҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандоне, ки аз зӯроварӣ дар оила ҷабр дидаанд;
- ✓ Ҳамоҳангсозии ҳамкории байниидоравӣ барои ташкили чорабиниҳои кӯмакрасонӣ ба шаҳрвандоне, ки аз зӯроварӣ дар оила ҷабр дидаанд, мувофиқи талаботи ошкоршудаи онҳо;
- ✓ Тайёр кардани пешниҳодҳо оид ба кори иттилоотию тарғиботӣ ва ҳамоҳангсозии саъю кӯшишҳо барои баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳли ҷомеа, тарбияи ҳисси тоқатнопазирӣ ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила ва дастгирии шахсоне, ки аз зӯроварӣ дар оила ҷабр дидаанд.

[8]Маводи Модули 5. Њамохангсозї ва идоракунии раванди њамоњангсозї «Маљмуи хизматрасонињои асосї барои занону духтароне, ки ба зўроварї дучор шудаанд. Унсурњо ва муќаррароти асосї оид ба таъмини сифат. С.133-149. Ниг: http://www.unwomen.org/en/digital-library/publications/2015/12/essential-services-package-for-women-and-girls-subject-to-violence истифода бурда шуд.

[9]Маводи филиали ширкати консалтингии GOPA дар чањорчўбаи лоињаи «Тањкими амнияти љамъиятї ва пешгирии зўроварї нисбати занон дар Тољикистон». «Ќоидањои њамкории байниидоравї дар иљрои ќонунгузорї дар бораи пешгирии зўроварї дар оила дар ЉТ» истифода бурда шуд.

Гурӯҳи кории байниидоравӣ барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда:

- ✓ Ба баланд бардоштани самаранокии ҳамкории субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила дар масъалаи таҳияи пешниҳодҳо барои ташаккул додан ва амалӣ намудани сиёсати Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия/вилоят оид ба муқовимат ба зӯроварӣ дар оила мусоидат мекунад;
- ✓ Дар ташаккул додани афкори ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои пешгирӣ ва муқовимат ба зӯроварӣ дар оила иштирок мекунад;
- ✓ Робитаҳоро бо доираҳои тиҷоратӣ ва ҷамъиятии ноҳия/вилоят/мамлакат инкишоф медиҳад ва дастгирӣ мекунад, инчунин ҳамкории байниминтақавиро ҷиҳати дастгирӣ ва рушди ташаббусҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила амалӣ менамояд;
- ✓ Ба рушди ҳамкориҳо бо иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллӣ оид ба масъалаҳои мубодилаи таҷриба ва ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила мусоидат мекунад;
- ✓ Доир ба ҳамаи тадбирҳое, ки дар соҳаи зӯроварӣ дар оила андешида мешаванд, тавсияҳо тартиб дода, ба мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ пешниҳод менамояд;
- ✓ Ба муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар масъалаи якҷоя гузарондани чорабиниҳо бо мақсади муқовимат нишон додан ба зӯроварӣ дар оила ёрӣ мерасонад;
- ✓ Барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ оид ба масъалаҳои кӯмакрасонӣ ба шахсоне, ки аз зӯроварӣ дар оила ҷабр дидаанд, тавсияҳо тайёр мекунад;
- ✓ Ба таҳкими усулҳои бозфиристӣ ва расондани ёрии бевосита ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила мусоидат менамояд;
- ✓ Мониторинг ва таҳлили иҷрои барномаҳо ва нақшаю чорабиниҳоро оид ба ҳалли проблемаҳои расондани ёрии иҷтимоӣ ба шаҳрвандони аз зӯроварӣ ҷабрдида ва баланд бардоштани дараҷаи ҳимояи ҳуқуқии онҳо мегузаронад, дар бораи фаъолияти амалинамудаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ ҳисобот таҳия карда, ба раиси ноҳия/вилоят/ККЗО-и назди Ҳукумати ҶТ пешниҳод менамояд;
- ✓ Бо мақсади пешбурди муносибати таҳаммулнопазиронаи аҳолӣ нисбати мушкилоти зӯроварӣ дар оила бо ВАО, бо ташкилотҳои манфиатдор, масалан, бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, марказҳои буҳронӣ ва ғ. фаъолона ҳамкорӣ менамояд.

**Мақсадҳои вокуниши байниидоравӣ ба зӯроварии гендерӣ (ЗГ)**

Дахолати байниидоравӣ вокуниши маҷмуӣ ба ЗГ буда, мақсадҳои зерин дорад:

1. Таъмин ва осон намудани дастрасӣ ба хадамоти дастгирӣ барои шахсоне, ки ЗГ-ро аз сар гузарондаанд.
2. Дахолати ҳамгироишуда дар чаҳорчӯбаи ҳамаи барномаҳо бо истифода аз қоидаҳои корӣ ва василаҳои мувофиқашудаи байниидоравӣ.
3. Ҳисоботдиҳӣ дар ҳамаи сатҳҳо ва аз тарафи хамаи муассисаҳои иштироккунанда.
4. Таъмини амалҳои ҳамоҳангшуда барои барҳам додан ва пешгирӣ намудани зӯроварии гендерӣ.
5. Таъмин намудани маълумоти дақиқ дар бораи ҳодисаҳои ЗГ, таърихи дахолат ва бозфиристӣ.

**Чораҳои ҳамоҳангшудаи ҷавобӣ ба чӣ асос меёбанд:**

- ✓ Вохӯриҳои мунтазами шахсӣ

- ✓ Сиёсат ва протоколҳои таҳиянамудаи муассисаҳои асосӣ
- ✓ Банақшагирии муштараки чорабиниҳо ва дахолат
- ✓ Таълими муштараки кормандон дар ташкилотҳо/соҳаҳои ҳамшарик
- ✓ Мубодилаи иттилоот дар бораи ҷабрдидагон ва ҳуқуқвайронкунандагон бо риояи махфият ва таъмини бехатарии қурбониёни зӯроварӣ
- ✓ Ҷамъоварии доимии маълумот барои назорат ба пешбурди парвандаҳо ва натиҷаҳо

**Принсипҳои вокуниши байниидоравӣ ба зӯроварии гендерӣ.**

**Муносибат ба талаботи қурбониён.** Барои хамаи расонандагони хизматҳое, ки ба вокуниши байниидоравӣ ба ЗГ ҷалб карда шудаанд, ҳуқуқҳо, талабот ва хоҳиши қурбонӣ бояд самтҳои афзалиятнок бошанд.
**Шарикӣ.** Вокуниши байниидоравӣ ба ЗГ гуфта, ҳамкории самаранок ва ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаю ташкилотҳои ҷалбшударо меноманд.
**Идоракунии дастҷамъӣ.** Қоидаҳое, ки ба дахолати байниидоравӣ ва бозфиристӣ, стратегия ва нақшаҳои амалиёт, аз ҷумла банақшагирӣ, иҷро, мониторинг ва арзёбии барномаҳо дахл доранд, бояд дар асоси иштироки дастҷамъӣ, аз ҷумла бо иштироки гирандагони хизматҳо (агар қобили татбиқ бошад) тартиб дода шаванд.
**Банақшагирии стратегӣ.** Сиёсате, ки ба мубориза бо зуҳуроти зӯроварии гендерӣ равона гардидааст, бояд ба гурӯҳи стратегияҳои умумии байниидоравии дорои мақсадҳо ва амалҳои мушаххас гузаронда шавад.
**Хизматрасониҳои маҷмуӣ (комплексӣ).** Тартиби дахолат ва бозфиристӣ, инчунин чораҳои муҳофизат усулҳои байнифанниеро талаб мекунанд, ки ба методологияи ягона асос ёфтаанд.
**Пешгирӣ.** Усули самараноки маҷмуӣ инчунин пешгирии зӯроварии гендериро низ ба сифати самти афзалиятнок дар бар мегирад.
**Ҳисоботдиҳӣ.** Ҳамаи чорабиниҳо/корҳои ташкилӣ барои кормандон бо мақсади иҷро ва риоя кардани барномаҳо/қоидаҳои мувофиқашуда ва амал кардан аз рӯи ин принсипҳои роҳбарикунанда бояд ҳисоботдиҳиро (ва чораҳои онро) таъмин намоянд.
**Устуворӣ.** Муассисаю ташкилотҳое, ки вокуниши байниидоравиро нисбати ЗГ татбиқ менамоянд, бояд ҳамаи шароитҳоро барои иҷро ва дастгирии ин усул таъмин кунанд, сарфи аз тағйиротҳои сиёсӣ, ҷойивазкунӣ ё ҳавасманд набудани кадрҳо.

Муносибати самараноки маҷмуии вокуниш пешгирӣ ва чораҳои вокунишро низ дар бар гирад. Пешгирӣ аз кам кардан ё бартараф намудани сабабҳои асосии ЗГ ва омилҳои мушаххаси вазъиятие, ки ба хатари ЗГ мусоидат менамоянд ё онро зиёд мекунанд, иборат мебошад. Чораҳои вокунише, ки оқибатҳо ё натиҷаҳои ҳодисаҳои ЗГ-ро муайян мекунанд. Вокуниши байниидоравӣ ба ЗГ бояд дахолат ва ҳамкориро дар асоси методологияи аниқе, ки барои ҳамаи тарафҳо асоси ягона мебошад ва тавассути амалисозии 6 вазифаи зерин амалӣ карда мешавад, дар бар гирад:

1. Дахолат/хизматрасониҳо.
2. Ҳисоботдиҳӣ ва низоми бозфиристӣ.
3. Барномаҳои таълимӣ.
4. Ҳуҷҷатгузорӣ, ҳисоботдиҳӣ, низоми интиқол ва таҳлили маълумот.
5. Пешгирӣ ва чораҳо барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ.
6. Ҳамоҳангсозӣ.

Сарфи назар аз фаъолияти ГКБ, арзёбиҳои пештар гузарондашудаи фаъолияти ГКБ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки фаъолияти мунтазам ва мақсадноки ин гурӯҳҳо ҳанӯз мушоҳида карда намешавад, низоми аниқи бақайдгирии муроҷиатҳо ва ошкорсозии ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила ба роҳ монда нашудааст, усули бозфиристӣ ва тафтиши натиҷаҳои кӯмакрасонӣ ба қурбониёни зӯроварӣ ба дараҷаи кофӣ амал намекунад.

Таҳлили фаъолияти ГКБ нишон медиҳад, ки мушкилоти асосӣ, монеаҳо дар кор ва ташкили кори ҳамаи ГКБ дар ноҳияҳои зерҳадаф якхелаанд:

| | |
|---|---|
| Номукаммалии пояхои меъёри | • Протокол ё дастури аники амалхои хамаи аъзои ГКБ оид ба ходисахои мушаххаси ЗГ вучуд надорад |
| Вучуд надоштани накшахои мачмуии кор | • Аксар вакт ба накша чорабинихои алохидаи аъзоёни ГКБ дохил карда мешаванд<br>• Чорабинихои муштарак хеле кам гузаронда мешаванд |
| Хавасманд набудани аъзоёни гурух | • Зуд-зуд чой иваз кардани аъзоёни ГКБ |
| Вучуд надоштани мониторинг ва арзёбии доими | • Хуччатгузори мунтазам нест<br>• Ба натичахои дахолат аксар вакт назорат карда намешавад<br>• Маълумоти умуми мувофики нохия/шахр вучуд надорад |
| Низоми бозфиристи ба рох монда нашудааст | • Аз руи мурочиатхо накшахои инфироди тартиб дода намешаванд<br>• Бозфиристихо на хамеша ба кайд гирифта мешаванд<br>• Ба натичахои бозфиристи аксар вакт назорат карда намешавад |
| Руихати махдуди хизматрасонихои асоси | • Неруи кадри кофи нест<br>• Барои тайёр кардани кадрхо ташаббус нишон дода намешавад |

**Нақшаи инфиродӣ ва бозфиристӣ – василаҳои муҳими таъмини талабот ва дастгирии ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ** (ниг. Муаррифии №5)

Дахолат ба зӯроварии гендерӣ аз раванди идоракунии ҳодиса иборат буда, чор қадамеро дар бар мегирад, ки дар доираҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ амалӣ карда мешаванд. Қайд кардан муҳим аст, ки идоракунии ҳодисаҳои ЗГ раванди якхела ва якҷониба нест. Арзёбии ҳодиса ё нақшаи дахолатро дар ҳар як лаҳзаи ҳодиса гузарондан/такрор кардан мумкин аст.

**1. Ошкорсозӣ.** Қадами якуми вокуниш ба ЗГ аз шинохтан/ошкор намудани ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда ва сабабҳои дахолат иборат мебошад. Инро бо роҳи мусоидат кардан ба худошкорсозии ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда ё ошкор кардан дар асоси роҳхат ё ҳисоботдиҳӣ (ҳатмӣ ё не) амалӣ намудан мумкин аст. Мустақилият ва махфияти ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда гарави амнияти ҷабрдида мебошад.

**2. Арзёбӣ.** Барои фаҳмидани вазъияти иҷтимоӣ, оилавӣ ва шахсӣ, ки ба ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда таъсир мерасонад, арзёбии боодобона ва пурраи омилҳои имконпазир/амалкунандаи хатар, талабот ва захираҳо зарур аст. Намудҳои зӯроварӣ, муносибат бо аъзоёни оила, ҳамгироии иҷтимоии ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда роҳу усулҳои фаҳмидан ва ҳал кардани мушкилоти ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда, оқибатҳои иқтисодӣ – ҳамаи ин омилҳо бояд арзёбӣ карда шаванд. Ин қадам бояд инҳоро дар гирад: гирифтани ризоияти бошуурона ба хизматрасониҳо оид ба идоракунии ҳодиса, агар зарур бошад, фиристодан ба назди дигар расонандагони хизматҳо.

**3. Хизматрасонӣ/дахолат.** Нақшаи дахолат бо назардошти умедҳо ва тағйиротҳое, ки барои муҳофизати ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда зарур мебошанд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсе, ки зӯроварӣ содир намудааст, таҳия карда мешавад. Дар он натиҷаҳо, нақшаи амалиёт, усулҳо ва мӯҳлатҳо дарҷ ёфтааст ва он инчунин намуди хизматрасониҳо ва захираҳоеро, ки барои ба даст овардани ҳадафҳои гузошташуда ва натиҷаҳои пешбинишуда зарур мебошанд, муайян мекунад. Дар ин лаҳза бозфиристии зарурӣ ба нақша гирифта мешавад. Амалисозӣ ва ҳамоҳангсозии нақшаи дахолат (хизматрасонӣ) аз

мавриди амал қарор додани нақшаи дахолат иборат мебошад. Дар идоракунии байниидоравии ҳодиса расонандагони гуногуни хизматҳо метавонанд танҳо як қисми амалҳои нақшаи дахолатро иҷро кунанд ва як расонандаи хизматҳо, ки барои идора кардани ҳодиса тайин шудааст, нақшаи дахолат ва иҷрои чорабиниҳои онро ҳамоҳанг менамояд.

**4. Амалҳои минбаъда ва маҳкам кардани ҳодиса.** Мақоми (статуси) натиҷаҳо арзёбӣ намуда, дар мавридҳои зарурӣ тағйиротҳо дохил карда мешаванд. Дахолат ё дар сурати ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин ё агар талаботҳо/хоҳишҳои ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда тағйир ёбанд, ба анҷом мерасад.

Вокуниши байниидоравӣ ва бозфиристии ҳодисаҳои ЗГ ба ҳимояи ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда; ба дастгирӣ ва муҳофизати дигар аъзоёни оила, хусусан шоҳидон (агар зарурат бошад) ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсе, ки зӯроварӣ содир намудааст, равона гардидааст. Бинобар ин якҷоя бо ҷабрдида **Нақшаи инфиродии амнияти шахси аз зӯроварии гендерӣ ҷабрдида** тартиб дода мешавад (*ниг. Замимаи 1.)*

Хизматҳое, ки ба ҷабрдидагон/шахсони ЗГ-ро аз сар гузаронда расонда мешаванд, ба принсипҳои амният, дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ, махфият, интихоби бошуурона, эҳтиром ва вуҷуд надоштани ҳуқуқпоймолкунӣ асос ёфтаанд.

Ҳангоми пайдо шудани имконият ё зарурат ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузарондаро ба назди дигар расонандагони хизматҳо ҳамроҳӣ кардан лозим аст. Ғайр аз ин, расонандагони хизматҳо бояд ба ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда дар арзёбии хатарҳо ва таҳияи нақшаи амният ёрӣ расонанд.

Ҷабрдидагон/шахсони ЗГ-ро аз сар гузаронда пеш аз додани розигӣ ба гирифтани хизматҳо бояд ба риояи махфият дилпур бошанд. Гунаҳгорӣ, шарм ва тағачаспонии иҷтимоӣ, ки аксар вақт дар натиҷаи ЗГ пайдо мешаванд, хусусан дар маҳалҳои аҳолинишини на чандон калон, аз хусусияти махфӣ доштани вазъият ва зарурати ташаккул додани ҳисси боварӣ дар соҳаи хизматрасониҳо, ки махфӣ мебошанд, дарак медиҳанд. Расонандагони хизматҳо ҳодисаҳои ЗГ-ро бо дигар расонандагони хизматҳо бояд танҳо мавридҳои бағоят зарурӣ муҳокима кунанд. Тамоми маълумоти хаттӣ дар бораи ҷабрдидагон/шахсони ЗГ-ро аз сар гузаронда бояд дар файлҳои муҳофизатшудаи рамзнок нигоҳ дошта шаванд.

Расонандагони хизматҳо набояд бе **розигии огоҳонаи** ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда ягон иттилоотро дар бораи ЗГ радду бадал намоянд (ба маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ё ҳисоботдиҳии ҳатмӣ диққат бояд дод). Агар мувофиқа шуда бошад ё дархост пешниҳод шуда бошад, пеш аз фиристодан ба назди хизматрасонҳои дигаре, ки бо масъалаҳои ЗГ машғуланд, ризоияти огоҳона гирифтан зарур аст. (*ниг. Замимаи 2*).

Новобаста аз он ки ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда ба кадом муассиса муроҷиат мекунад, маҷмуи ҳадди ақалли чораҳои дахолате вуҷуд доранд, ки барои таъмини амнияти ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда амалӣ карда мешаванд. Расонандагони хизматҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки агар ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда дар бораи ҳодисаи ЗГ хабар диҳад, ва агар хизматрасонӣ дастрас набошад ё ба вай ёрии ҳадди ақалли саривақтӣ, бодиққат ва махфӣ расонда нашуда бошад, боварии ӯ ба расонандаи хизматҳо мумкин аст коста гардад, ки ин дар навбати худ ба ягон каси дигар муроҷиат карданро нахостани ҷабрдида/шахси ЗГ-ро аз сар гузаронда мусоидат мекунад.

Василаи муҳими таъмини талабот ва дастгирии ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ РОҲХАТДИҲӢ мебошад: раванди он ки чӣ тавр зан бо мутахассиси инфиродӣ ё муассиса дар масъалаи кораш тамос мегирад ва раванди он ки мутахассис ё муассиса чӣ тавр бо ӯ муошират менамоянд ва бо мақсади таъмини дастгирии ҳамаҷониба чӣ тавр якҷоя кор мекунанд. Шарикони шабаки роҳхатдиҳӣ одатан идораҳои гуногуни ҳукуматӣ,

ташкилотҳои занон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои тиббӣ ва ташкилотҳои дигар мебошанд (ЮНФПА 2010).

**БОЗФИРИСТӢ**- амали субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила (минбаъд - Субъектҳо) оид ба иттилоъ додан ба ҷабрдида дар бораи имкони гирифтани хизматрасонӣ бо мақсади дастгирӣ дар ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила ва додани роҳхат барои гирифтани дигар хизматрасониҳо дар ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила мебошад[10]

**Нақшаи ҳамкории байниидоравии субъектҳо барои пешгирии зӯроварӣ дар оила (ЗО) дар ҶТ дар марҳалаҳои гуногуни вокуниш**

| Марҳала | Мутахассисони сафарбаршуда | Намудҳои фаъолият оид ба ҳамкории байниидоравии мутахассисон |
| --- | --- | --- |
| ОШКОР НАМУДАНИ ШАХСИ ЉАБРДИДА | њар кадоме аз мутахассисони ташкилотњо – субъектњои Ќонуни ЉТ «Дар бораи пешгирии зўроварї дар оила», ё якљоя дар чањорчўбаи љаласаи ГКБ ПЗО | Дар мавридҳои мураккаб будани ҳодиса онро бо мақсади муайян кардани мақоми (статуси) ҷабрдида дар чаҳорчӯбаи ГКБ ПЗО ба муҳокима пешниҳод кардан мумкин аст. Дар сурати вуҷуд надоштани **Ризоияти огоҳонаи ҷабрдида дар бораи таҳвили маълумоти дорои хусусияти шахсӣ** дар чаҳорчӯбаи ГКБ ПЗО маълумоти шахсии ҷабрдида ифшо карда намешаванд. |
| ОШКОР НАМУДАНИ ТАЛАБОТЊОИ ШАХСИ ЉАБРДИДА | њар кадоме аз мутахассисони ташкилотњо – субъектњои Ќонуни ЉТ «Дар бораи пешгирии зўроварї дар оила», ё якљоя дар чањорчўбаи љаласаи ГКБ ПЗО | Ошкорсозии зарурат ва таъмини намудҳои зерини ёрӣ, ки ба **НАҚШАИ ИНФИРОДИИ ЁРИРАСОНӢ** дохил карда мешаванд:<br>- **Амрномаи муҳофизатӣ, суҳбатҳои профилактикӣ бо таҷовузгар** (ҷабрдида ё мутахассиси ГКБ ПЗО ба ШКД/милитсионери минтақавӣ ариза менависад);<br>- **ёрии тиббӣ ва психиатрӣ** (бевосита ба Қабулгоҳи муассисаи тиббӣ ё *Ҳуҷраҳои офиятбахшии занон-қурбониёни зӯроварӣ* **ё паноҳгоҳ** муроҷиат мекунанд**);**<br>- **ёрии психологӣ** (мутахассиси ГКБ ПЗО машварати психологро ташкил мекунад);<br>**- ёрии ҳуқуқӣ** (мутахассиси ГКБ ПЗО машваратро бо ҳуқуқшиноси Бюрои ёрии ройгони ҳуқуқӣ ё Идораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ташкил мекунад);<br>- **ёрии иҷтимоӣ** (гирифтани кӯмакпулии якдафъаина ва ҳамроҳии иҷтимоӣ – ариза аз ҷабрдида ба мутахассиси Шуъбаҳои ҳифзи иҷтимоии ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ ё Маркази ёрии иҷтимоӣ ба аҳолӣ ва кӯмакрасонӣ дар хона);<br>- **таълими касбӣ ва бокортаъминкунӣ** (ариза аз ҷониби ҷабрдида ё аъзои ГКБ ПЗО ба Раёсат/Шуъбаи шуғли аҳолӣ);<br>- **ба кӯдакистон, мактаб додани кӯдакон** (аризаи аъзои ГКБ ПЗО ба Раёсат/шуъбаи маориф**).** |
| ФИРИСТОДАН БА НАЗДИ МУТАХАССИСОН ВА КЎМАКРАСОНЇ | мутахассисони ташкилотњое, ки мандаташон (Дастурамал) ба талаботи ошкоршуда љавобгў аст ё кейс-менељер | |
| МОНИТОРИНГИ ВАЗЪИЯТИ ГИРАНДАИ ХИЗМАТЊО (БЕНЕФИСИАР) (1) ВА МАЊКАМ КАРДАНИ ЊОДИСА (2) | (1) мутахассисони ташкилотњое, ки мандаташон (Дастурамал) ба талаботи ошкоршуда љавобгў аст ё кейс-менељер;<br>(1), (2): кейс-менељер | (1) мониторинги ҳалли мушкилоти мушаххаси шахси аз ЗО ҷабрдидаро мутахассисе мегузаронад, ки ваколатҳояш ба талаботи ошкоршуда ҷавобгӯ мебошанд;<br>(2) Таҳлили вазъияти гирандаи мушаххаси хизматҳо баъди гузаштани 12 моҳ аз рӯзи муроҷиати якум/бақайдгирии ҳодиса гузаронда мешавад. Дар мавриди расондани ёрӣ дар чаҳорчӯбаи ГКБ ПЗО, кейс-менеҷер дар маҷлиси ГКБ ПЗО дар бораи ҷораҳои ёрирасониро пешниҳод мекунад, роҳбари ГКБ ПЗО бошад, дар бораи маҳкам кардани ҳодиса қарор мебарорад (агар ҳамаи талаботҳо тибқи |

[10]Аз Дастурамал дар бораи ташкили фаъолияти кормандони маќомоти корњои дохилї оид ба пешгирї, бартарафсозї ва вокуниш ба њодисањои зўроварї дар оила. Фармони вазири ВКД ЉТ №276\з аз 20 апрели соли 2016.

| | | |
|---|---|---|
| | | *Нақшаи инфиродии ёрирасонӣ* маҳкам шуда бошанд). Дар мавриди такрор шудани ҳолати ЗО, шахси ҷабрдида метавонад ба ГКБ ПЗО мурочиат намуда, хоҳиш кунад, ки ёрирасониро идома диҳанд. |

Дар ин модул *ба аҳамияти усули байниидоравӣ ҳангоми таҳияи чораҳои ҷавобӣ оид ба пешгирии зӯроварии гендерӣ, инчунин оид ба таъмини талаботҳои амалӣ ва стратегии занону мардон, занҳои дар оила аз зӯроварӣ ҷабрдида ва аҳли ҷомеа диққат додан зарур аст*[11]

Талаботҳои амалию стратегии занони аз зӯроварии гендерӣ ҷабрдида аз рӯи мақом ва вазъи мушаххаси зан дар оила ва ҷомеа, аз рӯи маълумоти умумӣ ва касбии ӯ, шуғли ӯ дар бахши ҷамъиятӣ, саломатии ӯ ва ғ. муайян карда мешавад. Дар айни ҳол ба назар гирифтан лозим аст, занон низ ба монанди мардон категорияи якҷинса нестанд.

**Расми 5. Талаботҳои гендерии амалию стратегӣ бо чиҳо алоқамананд?**




**МАШҒУЛИЯТИ АМАЛИИ №3. Саида ба чӣ гуна ёрӣ муҳтоҷ аст ва кӣ ба вай ёрӣ мерасонад? Таҳияи нақшаи инфиродӣ.**

**Давомнокии умумӣ**: 2 соат

**Усулҳо:** Гурӯҳҳои хурд ва мубоҳиса

**ҚАДАМИ 1**. Иштирокчиён ба 3 гурӯҳ тақсим карда мешаванд.

[11]Е. Мезенсева. Андозагирии гендерї дар барномањои рушди иќтисодию иљтимої: тањаввули муносибатњои методологї ва мањакњои њадафнок. https://publications.hse.ru/mirror/pubs/share/folder/ljriiqx1dk/direct/114702715; WECF e.V., Олмон. Гендер дар рушди устувор – Маљмуаи машќњо барои гузарондани тренинг барои тренерон (ToT). 2014. https://docplayer.com/36933798-Gender-v-ustoychivom-razvitii-sbornik-uprazhneniy-dlya-provedeniya-treninga-dlya-trenerov-tot.html

**ҚАДАМИ 2. Супориш:** Баъди омӯхтани саргузашти Саида талаботҳои амалӣ ва стратегиро муайян намуда, дар ҳамин асос Нақшаи инфиродии амалиётро ҷиҳати дастгирии Саида ва кӯдакони ӯ тартиб додан зарур аст. Барои кор 1 соат ҷудо карда мешавад.

**ҚАДАМИ 3.** Гурӯҳҳо маҳсули кори худро муаррифӣ мекунанд ва иштирокчиён муҳокима менамоянд, ки ин нақша то кадом андоза ба талаботҳои ҷабрдидагон ҷавоб дода, вазъиятро тағйир дода метавонад.

| |
|---|
| ***САРГУЗАШТИ САИДА:*** *Саида шавҳар дорад. Шавҳар ва хушдоманаш доимо нисбати ӯ ҳар гуна зӯровариҳо содир мекунанд. Саида 2 кӯдак дорад, писарчаи 5-сола ва духтарчаи 9-сола. Ӯ кор намекунад, ҳамагӣ синфи 9-ро тамом кардааст. Онҳо дар хонаи волидони шавҳараш зиндагӣ мекунанд. Бегоҳӣ шавҳараш ӯро зад ва ӯ маҷбур шуд, ки бо кӯдаконаш аз хона гурезад. Ҳамсоязан ба хонааш роҳ надод, гуфт, ки худат ҷанҷолатонро бо шавҳарат ҳал кун. Тобистон ҳаво гарм аст, ва ӯ бо кӯдаконаш ба парк рафта, дар он ҷо шабро рӯз кард. Ӯ пештар аллакай як маротиба ба хонаи волидонаш гурехта буд. Аммо падару модараш ба вай гуфтанд, ки ба хонаи шавҳараш баргардад ва ба хотири кӯдаконаш ба ҳамааш тоқат кунад.* |

## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛИИ №4. Тайёр кардан ва гузарондани нишасти матбуотӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти ГКБ-ҳои ноҳиявӣ/шаҳрӣ оид ба пешгирии зӯроварии гендерӣ ва васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои маҷмуӣ дар соҳаи ЗГШ дар соли 2021 ва нақшаҳо барои соли 2022.

**Давомнокии умумӣ:** 1 соату 45 дақиқа

**Усулҳо: б**озии нақшӣ, кор дар гурӯҳҳои хурд, мубоҳиса

**ҚАДАМИ 1**. Иштирокчиён ба 3 гурӯҳ тақсим мешаванд.

**ҚАДАМИ 2. СУПОРИШ:** Тайёр кардан ва гузарондани нишасти матбуотӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти ГКБ-ҳои ноҳиявӣ/шаҳрӣ оид ба пешгирии зӯроварии гендерӣ ва васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои маҷмуӣ дар соҳаи ЗГШ дар соли 2021 ва нақшаҳо барои соли 2022. Барои ин кор 1 соат ҷудо карда мешавад.
Тренер дар ҳар як гурӯҳ 2 нафареро муайян мекунад, ки нақши журналистонро бозӣ мекунанд.

**ҚАДАМИ 3.** Гурӯҳ маҳсули кори худро муаррифӣ менамояд, иштирокчиён муҳокима мекунанд, ки фаъолияти ГКБ то кадом андоза самаранок буд, тарафҳои қавӣ ва сусти фаъолияти ГКБ кадомҳо мебошанд.

## Замимаҳо

**ЗАМИМАИ 1.**

**Замимаи 2**
**ба Дастурамал доир ба ташкили**
**фаъолияти кормандони**
**мақомоти корҳои дохилӣ оид**
**ба пешгирӣ, бартарафкунӣ ва**
**эътино намудан ба ҳолатҳои**
**зӯроварӣ дар оила**

Шакли розигии ҷабрдида барои гирифтани хизматрасонӣ ва бозфиристӣ

<table>
<tr><td colspan="2">Рақам:</td><td colspan="2">Таърих:</td></tr>
<tr><td colspan="4">Маълумот дар бораи ҷабрдида</td></tr>
<tr><td>Ном</td><td colspan="2">Насаб</td><td>Номи падар</td></tr>
<tr><td colspan="4">Ҷинс ☐зан ☐мард</td></tr>
<tr><td>Синну сол:</td><td colspan="3">Соли таваллуд</td></tr>
<tr><td colspan="4">Ман розиям, ки дар муассисаи мазкур хизматрасонӣ гирам ва барои гирифтани хизмарасонӣ ба муассисаи дигар бозфирист шавам:<br>☐ МКД;<br>☐ Маркази дастгирии бонувон<br>☐ Маркази барқароркунии иҷтимоӣ-тиббӣ<br>☐ ТҶ (нишон диҳед дар кадом)_________________________<br>☐ҳимоячӣ/маслиҳати ҳуқуқӣ<br>☐ дигар (нишон диҳед)_____________________________</td></tr>
<tr><td colspan="2">Имзои ҷабрдида</td><td colspan="2">Имзои корманди хизматрасонида ва ё бозфиристонида барои гирифтани хизматрасонӣ__________________________________</td></tr>
</table>

# ЗАМИМАИ 2.

Замимаи 1.

**Нақшаи фардии таъмин намудани бехатарӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила**

Муроҷиаткарда: ___________________________ ба корманди воҳидҳои зерсохтории Кумита: ___________________________

Сана: ____________________ баҳои хатарҳои такрорӣ: (сана) ____________________

1. Агар ба ман ё фарзандонам дар хона хатар таҳдид намояд, ман метавонам ба/ба назди:___________________
   ё ___________________________________________
   ё ______________________________ равам(ҳал кунед, ки Шумо ба кучо рафта метавонед, ҳатто агар ба назаратон чунин намояд, ки зӯроварӣ дигар такрор намешавад).

2. Дар ҳолати зӯроварӣ ё таҳдид бехатар ба воситаи ______________________________ даромадан мумкин аст (дар, тирезаҳо, лифт, нардбон ё баромадгоҳи эҳтиётӣ).

3. Ман метавонам оид ба зӯроварӣ бо шахсони зерин сухан ронам ва ҷеғ зада милитсаро хоҳиш намоям, агар онҳо за хонаи ман доду фарёди шубҳаоварро шунаванд: ______________________________________________________

4. Ман метавонам (аломат, калима) ____________________ ба сифати рамзи махфӣ (парол) бо фарзандон ва дӯстонам истифода барам, то ин ки онҳо барои кӯмак даъват намоянд.

5. Агар шавҳарам дигар бо ман зиндагӣ накунад ман метавонам бехатарии шахсиамро дар хона таъмин намоям (қулф, калидҳоро иваз кунам, сигнализатсияро ба кор андозам) ________________________________________

6. Ман метавонам ҷузвдони худро бо тамоми чизҳои дар ҳолати нигоҳдории очил нигоҳ дорам (ҷой дар хона/ҳуҷраи шахси боваринок):_______________________

7. Дар ҳолати фавран аз хона рафтан ба ман чизҳои зерин лозим мешаванд (мӯҳтавии сумка):
   пул/нақд ҳуҷҷатҳо; калидҳои иловагӣ аз хона ва мошин ▯▯либоси иловагӣ ▯▯ашёҳои беҳдошти шахсӣ телефони мобилӣ, рақамҳои муҳими телефон, варақаи телефонӣ дорухатҳои тиббӣ ҳуҷҷатҳои муҳим/карточкаҳо (карточкаи тиббӣ, ҳуҷҷатҳои кӯдакон) бозичаҳои дӯстдоштаи кӯдакон ва дигар:________________________

8. Корманди воҳидҳои зерсохтории кумита ба ман гуфт, ки:
   Ман барои рафтори зӯроваронаи шарик/шавҳари худ ҷавобгар нестам, вале ман метавонам ҳал намоям, ки бехатарии худ ва бехатарии кӯдакони худро чӣ гуна баланд бардорем. Ман ба чизи беҳтаре сазоворам: фарзандони ман ва худи ман барои бехатарона ва бе тарс зиндагӣ кардан ҳуқуқ дорем. Зӯроварӣ қонунвайронкунии ҷиддӣ мебошад ва ман метавонам дар бораи он ба милитсия хабар диҳам.
   Амрномаҳои муҳофизатие мавҷуданд, ки барои таъмин намудани ҷабрдидагони зӯроварӣ дода мешаванд ва ман медонам, ки ба кучо муроҷиат намоям, то ин ки онҳоро ба ман пешниҳод намоянд (нишонӣ, телефон, шахси иртиботӣ:)________________________________________

9. Корманди воҳидхои зерсохтории кумита пешниҳод намуд/мо ба хулосае омадем, ки дар ҳалли мушкилоти худ ман метавонам ба ташкилотҳои зерин муроҷиат намоям, ки кӯмак мерасонанд:________________________

10. Ман метавонам ин нақшаи бехатариро нигоҳ дошта, худ ва фарзандони худро дар ҷойи зерин ба хатар дучор накунам.

## Адабиёти тавсияшаванда

**Қонунгузорӣ оид ба пешбурди баробарии гендерӣ**


1. Конститутсияи ҶТ
2. Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа» (03.12.99)
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (2005)
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (2013)


**Стратегия ва барномаҳои миллӣ, аз ҷумла оид ба гендер**


5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030
6. Барномаи рушди миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2021-2025
7. Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ. Тавзеҳи иҷрои Барномаи рушди миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2016-2020, ш. Душанбе, 2020
8. Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030
9. Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030
10. Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2016-2022»
11. Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 – 2023
12. «Маҷмуи хизматрасониҳои асосӣ барои занону духтароне, ки дучори зӯроварӣ гардидаанд. Унсурҳои асосӣ ва дастурҳо оид ба таъмини сифат. Модули 5. Ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии раванди ҳамоҳангсозӣ. Ниг.: http://www.unwomen.org/en/digital-library/publications/2015/12/essential-services-package-for-women-and-girls-subject-to-violence
13. Шабакаи WAVE ва ЮНФПА. Бюрои минтақавии ЮНФПА барои мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ. Тақвияти нақши системаи тандурустӣ дар вокуниш ба зӯровари гендерӣ дар Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, с. 2014. https://eeca.unfpa.org/sites/default/files/pub-pdf/WAVE-UNFPA-Report-RU.pdf
14. Дастур. Зӯроварӣ нисбати занон: тренинг барои мутахассисон. Нусхаи мутобиқшудаи Маркази миллии пешгирии зӯроварӣ «АННА» дар асоси дастури идораи марказии Шабакаи Аврупо WAVE ( «Занон бар зидди зӯроварӣ – Аврупо») ва ташкилоти DAPHNE Initiative Комиссияи Аврупо. https://refdb.ru/look/2774242-pall.html


**Дастурамалҳои идоравӣ**


15. Дастурамал барои кормандони тиб оид ба вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони ВТҲИА ҶТ, №443 аз 11.05.2018)
16. Низомномаи Ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоии назди таваллудхонаҳо ва беморхонаҳои клиникии марказӣ барои шахсоне, ки аз зӯроварӣ дар оила ҷабр дидаанд (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ аз 20 октябри с. 2018, №973)
17. Ташкил ва расонидани ёрии тиббӣ ба шахсоне, ки дучори зӯроварии шаҳвонӣ гардидаанд. Протоколҳои клиникӣ (2020)
18. Дастурамал оид ба вокуниши кормандони хадамоти иҷтимоӣ ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ, №493 аз 11 майи с. 2018)

19. Низомномаи намунавии ташкил ва фаъолияти панохгоҳҳо барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила. Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №1176 (1105) аз 11.12.2018

20. Дастурамал оид ба ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ, бартарафсозӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири ВКД ҶТ,  №276\з аз 20 апрели с. 2016)

21. Дастурамал оид ба тартиби расондани ёрии амалӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ  (зӯроварии гендерӣ) (Фармони вазири ВКД ҶТ  №893 б\з аз 31 декабри с. 2019)

22. Дастурамал оид ба қоидаҳои кӯмакрасонии амалӣ аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) (Фармони вазири ВКД ҶТ  №893 б\з аз 31 декабри с. 2019)

23. Дастурамал барои ҳуқуқшиносони Бюроҳои давлатии МД «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и ВА ҶТ оид ба расондани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила. Фармони директори МД «МЁҲ» №12 аз 08.11.18

24. Дастурамал барои кормандони муассисаҳои таълимӣ оид ба пешгирӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон. Қарори №11 Шӯрои илмию методии ВМИ ҶТ аз 21.12.2017

25. Дастурамал оид ба ташкили фаъолияти ККЗО дар соҳаи баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила. Фармони Раиси ККЗО №159 аз 08.11.18


**Омор**


26. Агентии омори назди Президенти ҶТ. Занону мардони ҶТ.  Душанбе, 2020. https://www.stat.tj/ru
27. Агентии омори назди Президенти ҶТ. Тадқиқоти тиббию демографӣ: Тоҷикистон (ТТДТ). 2017


**Ҳисобот ва маърузаҳо**


28. Маърузаи даврии шашуми Тоҷикистон ба Кумитаи СММ оид ба Конвенсияи барҳам додани ҳамаи шаклҳои ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон. (2017)
29. Тавзеҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Баённомаи Пекин  ва Платформаи амалиёт (соли 1995) дар чаҳорчӯбаи рӯзнома дар соҳаи рушди устувор дар давраи то соли 2030 ва ҳуҷҷатҳои ҷамъбастии иҷлосияи махсуси бистусеюми Ассамблеяи Генералӣ (соли 2000) ба пешвози ба солгарди биступанҷуми конференсияи чоруми умумиҷаҳонӣ оид ба вазъияти занон ва қабули баённомаи Пекин ва платформаи амалиёт дар соли 2020.  (2019)
30. Маърузаи алтернативии сеюми Иттифоқи ташкилотҳои ҷамъиятии Тоҷикистон «Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии воқеӣ» оид ба иҷрои Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон. 2018
31. Иттифоқи «Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии воқеӣ».  Натиҷаҳои мониторинги ҷамъиятии мушкилоти асосии иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" дар сатҳи маҳалҳо ва усулу воситаҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои асосӣ ҷиҳати иҷрои он (аз рӯи натиҷаҳои мониторинги ҷамъиятӣ). 2019